*Лоиҳаи «Дифоъ аз ҳуқуқи инсон ва таълимоти ҳуқуқи тавссути ВАО дар Осиёи Марказӣ»*

# ҲУҚУҚИ БАШАР ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*маи соли 2011*

*Варақаи иттилоотӣ-таҳлилии семоҳа*



# ШУМОРАИ ХОТИМАВӢ

Иттиҳоди Аврупо

Вазорати корҳои хориҷии Норвегия

INSTITUTE FOR WAR & PEACE REPORTING

IWPR

Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ

**ПАЁМИ ДИРЕКТОРИ МИНТАҚАВИИ IWPR ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ АБАХОН СУЛТОННАЗАРОВ**

# ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!



*«Ҳақиқат он вақт ба даст меояд, ки агар одамон дар ҷустанаш озод бошанд.»*

*Франклин Делано Рузвелт*

Нақзи ҳуқуқи инсон ҳам ба монанди олам пир аст. Гузашта аз ин, дар ҷомиаҳои мухталиф нақзи ҳуқуқ ҳатто метавонад меъёр ё ҷузъи анъаноти фарҳангӣ ҳисобида шавад.

Сидқан мегӯям, ки барои кормандони IWPR дар Осиёи Марказӣ ин лоиҳаи ҳифзи ҳуқуқ як гуна имтиҳони устуворӣ буд. Мо қаблан он қадар ба мавзӯъи ҳифзи ҳуқуқ жарф нарафта будем. Бале, мо дар гузашта ҳам дар бораи ҳуқуқҳои инсон менавиштем, аммо дар ин масъала мизҳои гирд, семинарҳо, лексияҳо ва тренингҳои вижа дар бораи робитаҳои миёни СҒД ва ВАО созмон намедодем. Бештар аз ин - ҳеҷ гоҳ бо ин қадар фаъолӣ дар чаҳорчӯби минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамкорӣ надоштем. Инҳо мардуми ҳушёр ва матинироде ҳастанд, ки умри худро ба мубориза барои арзишҳои умумибашарӣ бахшидаанд. Дар ин миён онҳое низ ҳастанд, ки аз бедодиву беқонунӣ осеб дидаанд ва онҳое ҳам, ки ваколати ба вазъият таъсири мусбат расонданро доранд. Дар чаҳорчӯби ин лоиҳа мо бо намояндагони СҒД, мақомоти давлатӣ, коршиносони соҳоти гуногун, рӯзноманигорон ва сокинон кор кардем.

Батакрор мегӯям, ки мо, кормандони IWPR, ҳуқуқшиносу ҳуқуқдон нестем, аммо пеши худ ҳадафи бузурги ба ҳам овардани ҳомиёни ҳуқуқ (дониши онҳо дар соҳа, таҷрибаи пуштибонии қонунҳо ва баргузории маъракаҳои ҷамъиятӣ) ва рӯзноманигоронро (онҳое, ки метавонанд иттилоъро ба ҳамаи қишрҳои ҷомиа расонанд) пеш гузоштем. Омӯзиши талабот, ки пеш аз оғози лоиҳа аз сӯи мо гузаронида шуд, нишон дод, ки маҳз ин «пулак» миёни ҳарду вуҷуд надорад, то самараи бештар ба даст ояд. Ҳомиёни ҳуқуқ на ҳамеша мефаҳманд, ки чӣ тавр бо аудиторияи васеъ бо забони фаҳмо сӯҳбат кунанд ва рӯзноманигорон на ҳамеша метавонанд ба масоили ҳифзи ҳуқуқ жарф ворид шаванд. Дар баробари ин мо ҷанбаҳои бештар мушкилзо барои ҳар як кишвари минтақаро муайян кардем ва ҳадафмандона барои натиҷа кор кардем – маъракаро дар марокизи минтақавӣ шурӯъ карда, ба пойтахтҳои кишварҳо гузаштем, сипас ба сатҳи минтақа расида, аз ин мушкилот дар сатҳи болотарин «табл» задем. Дар натиҷа баъд аз 2 соли фаъолияти лоиҳа мо тавонистем шабакаи ғайрирасмии мушорикат дар сатҳи минтақаро ба вуҷуд оварем ва дониши ҳуқуқии аҳолиро боло бурдем.

Вижагии IWPR пӯшиши минтақавӣ бо назардошти махсусиятҳои кишварҳо аст. Мо дар тамоми гӯшаҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон будем. Ҳамчунин як кори имконнопазирро кардем: ба чорабиниҳо ҳамкорони худ аз Туркманистону Ӯзбекистон, гурезаҳоеро, ки берун аз ватан ба сар мебаранд, барои табодули таҷриба ва ширкат дар баҳсҳои минтақавӣ даъват намудем.

Албатта, мо ба чизе ноил намешудем, агар созмонҳои шарики моҳирфаиёни кори худ намебуданд. Ман ба ҳамаи онҳое, ки бо мо кор карданд, донишҳои худро дареғ надоштанд, дастгирӣ намуданд ва ба мо бовар доштанд, изҳори сипос мекунам.

Ба ҳамкорон ташаккур мегӯям, ки пурсабр буданд. Худтанқидкунӣ, перфексионизм ва тақсими дақиқи масъулиятҳо шарикони боътимоди мо тайи ин ду сол буданд.

Он рӯҳи иттиҳод, ки ҳоло дорем, ба мо осон муяссар нашуд. Ибтикор ва далеловарии ҳар нафар ба ҳамаи мо кӯмак кард, то чорабинӣ дар сатҳи олӣ баргузор шавад. Дар ин муддат мо бо онҳое бузург шудем, ки бо мо ҳамкорӣ доштанд. Хеле хуш мешавам вақте бо назарҳое дар шабакаҳои иҷтимоӣ дучор меоям, ки ширкатдорони тренингҳои мо дар бораи чорабиниҳои мо мусбат сухан мекунанд. Одамоне, ки мо замоне омӯзиш дода будем, худ тренер мешаванд, мақомҳои баланди давлатиро мегиранд ва ба хориҷа барои таҳсил мераванд… Хуш аст, вақте новобаста аз мураккабии мавзӯъ ва сахтгириҳои муҳаррирони мо, теъдоди хоҳишмандони навиштани мақолаҳо ба мо ва баромадан ба аудиторияи байнулмилалӣ кам намешавад.

Ин лоиҳа бори дигар собит кард, ки мо, сокинони минтақа, умумиятҳои зиёд дорем. Вақте бо ҳам меоем, мо аз ними ҳарф якдигарро мефаҳмем. Метавон бо ҳарорат ин ё он лаҳзаҳоро баҳс кард ва ин фарқиятро ҳис намекунӣ, ки кӣ аз куҷо омадаву кӣ мансабдор ва кӣ аз СҒД аст.

Ҳама марзҳо сунъӣ мешаванд… Мардуми мо - мардуми Осиёи Марказӣ озодиро хеле дӯст медоранд, некӯкор ва меҳмоннавозанд. Бисёр мехоҳам, ки ин ҳама ҳамин тавр монад.

Як орзу дорам: бигзор он гуна кор кунем, ки фарзандонамон ба мо барои корҳои имрӯз кардаамон ташаккур гӯянд. Бовар дорам, ки мо ҳамаи анъанаҳо, фарҳанг ва менталитети худро аз равзанаи воқеиятҳои ҷаҳони муосир мебинем, то арзишмандтарин чизеро, ки дорем, ба нафъи ҳар кас ва наслҳои оянда истифода кунем.

Давраи аввали лоиҳаи ҳифзи ҳуқуқи мо ба охир мерасад. Дар пеш - дар давраи дуввум моро чизҳои нав ва жарфтар фурӯ рафтанҳо ба муҳити ҳифзи ҳуқуқ интизоранд, ки умедворам, аз сӯи сарпарастони мо пуштибонӣ хоҳад шуд. То боздидҳои нав, дӯстони азиз!

Бо эҳтиром, **Абахон Султонназаров**

# Фаъолияти IWPR аз рўи лоиҳаи «Дифоъ аз ҳуқуқи инсон ва таълимоти ҳуқуқӣ тавссути ВАО дар Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ва Вазорати корҳои хориҷии Норвегия маблағгузори мешавад

Мўҳлати амалишавии лоиҳа: март, 2009 – март, 2011

## Ҷуғрофиёи чорабиниҳои асосии IWPR дар Осиёи Маркāзи




* Барои шахрвандони Ўзбекистону Туркманистон чорабиниҳо берун аз кишварҳояшон гузаронида мешуданд

## Солномаи ҳаводис

2008 Январ



Лағви ҳукми қатл ва роҳандозии институти Habeas Corpus дар Ўзбекистон

2008 Декабр



Интихоботи парлумонӣ дар Туркманистон

2008-2010



Боздошти рўзноманигорон дар Ўзбекистон

2009 10 июл

Дар Қазоқистон қонуне ба тасвиб расид, ки захираҳои интернетиро ба ВАО баробар кард

2009 Сентябр



Аввалин бор дар Туркманистон факултаҳои рўзноманигорӣ таъсис ёфтанд

2009 Декабр



Чанд ҳамла ба рўзноманигорони Қирғизистон ва куштори Г. Павлюк

2008 Сентябр



Дар Туркманистон Конститутсияи нав қабул шуд

2008



Бўҳрони энержи дар Қирғизистону Тоҷикистон

2009 25 март



Дар Тоҷикистон қонуни нави аз ҳама сахттарини дин дар Осиёи Марказӣ қабул шуд

2009 23 июл



Дар интихоботи президентии Қирғизистон Қ. Бокиев пирўз омад

2009 Октябр



Лағви таҳримҳо алайҳи Ўзбакистон баъд аз Андиҷон

2009



Дар Тоҷикистон баъд аз манъи тўйҳо ва маросимҳои бодабдаба миллиард доллар сарфа карданд

## ДАР ИН ШУМОРА:


5 ХАБАРҲОИ ЛОИҲА

7 МИЗҲОИ ГИРД

11 ЧОРАБИНИҲОИ ВИЖА:

11 Озмуни рӯзноманигорӣ ва нашри адабиёт барои рӯзноманигорон ва ҳомиёни ҳуқуқ

12 Нашри адабиёт барои рӯзноманигорон ва ҳомиёни ҳуқуқ

14 БЕҲТАРИН МАВОДИ РӮЗНОМАНИГОРИИ ЛОИҲА

14 Қазоқистон

16 Қирғизистон

18 Тоҷикистон

20 Ӯзбекистон

22 Туркманистон

24 ТРЕНИНГҲО

27 МАҚОЛАҲОИ НАВ

27 Қазоқистон

30 Қирғизистон

34 Тоҷикистон

36 Ӯзбекистон

38 Туркманистон

42 ЛОИҲАРО ОМОДА КАРДАНД

43 МУСАВВАРАИ «ЧЕҲРАҲОИ ЛОИҲА»


# ХАБАРҲОИ ЛОИҲА

## ФАЪОЛОНИ ГЕНДЕРИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР БОРАИ ҶИЛАВГИРИИ ХУШУНАТИ ХОНАВОДАГӢ ТАБОДУЛИ ТАҶРИБА КАРДАНД

29-30 марти соли 2011 дар Душанбе мизи гирди минтақавии IWPR дар мавзӯи «Мушкилоти хушунати хонаводагӣ дар Осиёи Марказӣ. Механизмҳои аксуламал» баргузор шуд. Дар баҳсҳои дурӯза намояндагони чор кишвари минтақа – Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ширкат карданд, ки дар миёни онҳо аъзои ҳукуматҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони парлумон, судяҳо, намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ ва байнулмилалӣ буданд. Мизи гирд дар ҳамдастӣ бо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон созмон ёфт. Ба хотири минтақавӣ будани формати мизи гирд ба коршиносон имкон фароҳам омад, ки дар бораи вазъи базаи қонунгузории ҳифзи қурбониёни хушунати хонаводагӣ, ташаббусҳои марокизи бӯҳронӣ ва СҒД-ҳои ҳифзи ҳуқуқ табодули иттилоъ кунанд ва ҳамчунин ба мушкилоти инъикоси ин мавзӯъи ҳассос аз сӯи васоити ахбори умум дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ назар андозанд.

## ВАЗЪИ МУШКИЛӢ



Тибқи иттилои коршиносони ғарбӣ, ҳамасола дар ҷаҳон 1,8 миллион зан ва он чӣ ҳайратангез менамояд, 2 миллион мард ҳам аз хушунати хонаводагӣ азият мекашанд. Ширкатдорони чорабинӣ аз вазъи кишварҳои худ сӯҳбат карданд. Дар Қирғизистон, тибқи иттилоъи расмӣ, 87 дарсади заноне, ки барои куштор ё қасди куштор ҳукм гирифтаанд, муддати тӯлонӣ аз зӯроварии наздиконашон дар хонавода азият мекашиданд – зикр кард дар маърӯзаи худ дар Душанбе намояндаи даъвати панҷуми Жогорку Кенеши ҶҚ Олтиной Омурбекова. «Тайи солҳои ахир дар марокизи бӯҳронии ҶҚ муроҷиати умумӣ афзуд, 60 дарсади муроҷеин – қурбонии хушунати хонаводагӣ ҳастанд. Беш аз 80 дарсади зӯроварӣ алайҳи занон дар Қирғизистон дар оилаҳо сурат мегирад» - гуфт Омурбекова. Директори маркази бӯҳронии «Сезим» Бубусара Рискулова зикр кард, ки тибқи иттилоъи ВКД ҶҚ, «паёмади хушунати хонаводагӣ танҳо тайи 10 моҳи соли 2010 7 куштор, 10 мавриди дониста расонидани зарари сахти ҷисмонӣ ва 37 мавриди расонидани осеби сабук будааст».

«Зоҳирнашавандагии мушкил ба дарки вусъат ва жарфияти масъала халал мерасонад, - зикр кард Ирина Унжакова, раиси СҶ

**ХАБАРҲОИ ЛОИҲА**

«Федератсияи занон “Status”, узви Комиссияи миллии занон ва сиёсати оилавӣ - демографии назди президенти Қазоқистон. – Тибқи иттилои Ваколатдори ҳуқуқи инсон, дар ҶҚ соли 2008 ба марокизи бӯҳронӣ 21 ҳазору 679 занг ворид шудааст, ки аз ин шумора аксариятро қурбониёни хушунати ҷисмонӣ ва равонӣ ташкил мекунанд».

Аммо на ҳамеша кор аз занг ба маркази бӯҳронӣ дур меравад ва доираи хушунат идома мекунад. Ҳамкори Унжакова Асия Хайруллина, раиси раёсати «СҶ Лигаи занони зиёиёни эҷодкор» илова кард, ки дар Қазоқистон никоҳҳои бармаҳал ва ҳомиладории наврасон мушкили доғ аст. Тибқи иттилои гурӯҳи мониторингии Маркази ҳуқуқии тиббии Бухоро, дар соли 2009 ба шифохонаи ёрии таъҷилии тиббии шаҳр тариқи мошинҳои «ёрии таъҷилӣ» 260 нафар оварда шуданд. Бо ин вуҷуд, тавре коршиноси ин марказ Воҳид Каримов зикр кард, «мавориди алоҳидаи кашидани афроди шиканҷакунанда ба ҷавобгарии ҷиноӣ маълум аст, зеро ба гуфтаи кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва духтуроне, ки қурбониёни зӯровариро қабул кардаанд, «механизми мусолаҳа» ба кор даромадааст». Дар Тоҷикистон, тибқи таҳқиқотҳо, 47,1% мардони пурсидашуда бар иманд, ки рисолати асосии зан – тавлиди тифл ва соҳибхоназани хуб будан аст, - гуфта шудааст дар маърӯзаи Раиси Эътилофи СҒД-ҳои ҶТ «Аз баробарии ҳуқуқӣ ба баробарии воқеӣ» Татяна Бозрикова. Ҳамзамон аз январ то сентябри соли 2008 дар Тоҷикистон 240 ҳодисаи худкушии занон сабт шудааст ва сабаби асосии «хурӯҷи» худкушии занон хушунати беҷазои оилавӣ аст. Табъизи занон дар оила асосан дар деҳот мушоҳида мешавад ва ба он паҳншавии шаклҳои ғайриқонунии никоҳ сабаб будааст (серзанагӣ, дуздии арӯсон, никоҳҳои бармаҳал ва ниқоҳҳое, ки аз рӯи маросими динӣ баста мешаванд). Коршиносон зарурати дар қонунгузорӣ мустаҳкам кардани меъёрҳоеро зикр карданд, ки гунаҳкори хушунат ҷазояшро бинад ва қурбонӣ тавонад худро барқарор кунад.

## БАЗАИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Тоҷикистон дар арафаи қабули қонун «Дар бораи ҳимоят аз хушунат дар хонавода» қарор дорад, ки хусусияти пешгирикунанда дорад ва роҳандозии маҷмӯъи тадобир дар мубориза алайҳи хушунати хонаводагиро дарбар мегирад. қаблан IWPR дар Тоҷикистон маъракаи густардаи пуштибонӣ аз созмонҳои занонаи ҷамъиятиро барои қабули ин қонун ба роҳ андохта буд. Ҳамзамон Бубусара Рискулова аз Қирғизистон зикр кард, ки қонун метавонад вазъи занонро беҳбуд бахшад, аммо ин «сӯзандоруи маризӣ» нест. Бо ӯ Ойниҳол Бобоназарова, раиси БҶ «Перспектива плюс» аз Тоҷикистон низ мувофиқ аст: «Мо бояд на фақат фикри қабули қонунро дошта бошем, балки пеш ҳаракат кунем: сари механизмҳои дақиқи ба даст овардани натиҷаҳои беҳтар дар амалӣ шудани ин қонун андешем». Ширкатдорон арзиши амалии ташаббуси тоҷикӣ дар мавриди рӯи кор овардани судҳои оилавиро зикр карданд, ки дар бораашон намояндаи Суди Олии Тоҷикистон Лариса Қобилова сӯҳбат кард.

## PUBLICITY

Бубусара Рискулова дар мизи гирд фикри наверо дар бораи баргузории телемостҳо дар бораи мушкили хушунати хонаводагӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ баён кард. Ба қавли ӯ, ин фикри на он қадар серхарҷ имкон медиҳад, ки таваҷҷӯҳи мақомдоронро ба мушкил ҷалб кунад. «Аздусар миёни сарони кишварҳо сабқат вуҷуд дорад ва мо умедворем, ки ин телемостҳо соҳибони қудратро ба тағйирот водор мекунад» – гуфт Рискулова. Ҳангоми ҷаласа консепсияи хонаҳои транзитии иҷтимоӣ пешниҳод шуд, ки аввалинаш дар Қирғизистон моҳи март боз шуд. Тавре директори минтақавии IWPR дар Осиёи Марказӣ Абахон Султонназаров зикр кард, «мо бояд ба занон барои ҳалли мушкилоташон кӯмак кунем, на ин ки як қисми он бошем» ва афзуд, ки IWPR дар оянда низ омода аст пешрафти ҳамчунин ташаббусҳоро дастгирӣ кунад. Ширкатдорони мизи гирд ба мақомоти давлатии Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, СҒД, созмонҳои байнулмилалӣ ва ВАО дар бораи ҷилавгирӣ аз хушунати хонаводагӣ тавсияҳои созандаеро омода карданд. Коршиносон дар ин бобат, ки бояд мониторинги муназзами иҷрои ин тавсияҳо роҳандозӣ шавад, иттифоқи назар доштанд. Бояд илова кард, ки дар чаҳорчӯби мизи гирд дар Душанбе намоиши аксҳо таҳти унвони «Занони Осиёи Марказӣ. Хушнати хонаводагӣ, муҳоҷират, фақр» баргузор шуд. Дар намоишгоҳ 46 асари муаллифони инфиродӣ - – Дэвид Триллинг, Рустам Юлдошев, Зарина Хушвақт, Валерий Калиев, Алмаз Калет ва дигарон аз ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ интихоб шуда буданд. Ба ҷуз ин, дар намоишгоҳ хоҳишмандон тавонистанд бо аксҳое, ки барои лоиҳаҳои Бунёди СММ дар соҳаи нуфус (UNFPA) ва ҷамъияти миллии Ҳилоли Аҳмар омода шуда буданд ва ҳамчунин аксҳои бойгонии RFE/RL, Stan - TV ва бойгонии хусусии IWPR-Central Asia шинос шаванд.

# МИЗҲОИ ГИРД



## ДАР ЧАҲОРЧӮБИ ВИДЕО – КОНФРОНСҲО

***Бишкек. Июл – декабри соли 2010***

Дар IWPR соли 2010 баргузории видеоконфронсҳо дар ҳамдастӣ бо Бунёди Корнеги барои сулҳи байнулмилал (Carnegie Endowment for International Peace) ба ҳукми анъана даромад. Видеоконфронс имкон медиҳад бо кӯмаки Интернет ва фанноварихои ҷадидтарин коршиносони гӯшаҳои мухталифи оламро ба ҳам орад. Дар кул 6 видеоконфронси «Бишкек – Вашингтон» баргузор шуд. Онҳо ба ҳаводиси муҳимтарини сиёсии Қирғизистон, ки дар соли нооромии 2010 кам набуданд, бахшида шуданд. Баррасиҳои вазъи сиёсии кишвар баъд аз тағйири қудрат дар арафаи референдуми қабули Конститутсияи нав дар моҳи июн ва дурнамои парламентаризм дар кул дар Осиёи Марказӣ сурат гирифтанд. Ҳамчунин раванди созмон ёфтани блокҳои эътилофӣ дар Қирғизистон дар пасманзари равобити сиёсати хориҷӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор гирифт. Дар видеоконфронсҳо аз ҷониби Қирғизистон намояндагони ҳамаи ҳизбҳои умдаи сиёсӣ, ки ба парлумон роҳ ёфтанд ва дар сабқати интихоботӣ ширкат доштанд («Ар-Намис», «Ата-Журт», «Ата-Мекен», ҲСДҚ, «Республика», «Замандаш»), таҳлилгарони аршади масоили Осиёи Марказӣ, сиёсатшиносон иштирок карданд. Ширкатдорон аз ҷониби Амрико кормандони Бунёди Корнеги, намояндагони Департаменти давлатии ИМА ва институтҳои мухталифи тадқиқотӣ буданд. Мулоқотро Марта Брилл Олкотт (Бунёди Корнеги) ва Эрлан Абдилдаев (IWPR) барандагӣ карданд.

***Шомил Атахонов, ноиби сарвазири Ҷумҳурии Қиргизистон***

*Ман иштирокчии чанд видеоконфронси IWPR ва Бунёди Корнеги дар Вашингтон будам. Формати хеле аҷиб аст. IWPR ҳамчунин мақолаҳо дар мавзӯъҳои зиёд - сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқро нашр мекунад. Ин кори хеле бузург аст. Ва мақолаҳои Институт хеле пӯхта, мубрам ва бар далоили тасдиқёфта навишта шудаанд. Махсус мехоҳам мавзӯҳои ҳифзи ҳуқуқро зикр кунам, ки дар ВАО-и мо хеле каманд.*



«Видеоконфронс шакли муассир ва аҷиби табодули назарҳо аст. Баррасии вазъи ҷории сиёсӣ бо ҳамкорон аз Вашингтон хеле пурбор гузашт. Ҳайати коршиносон, ҳам аз сӯи ИМА ва ҳам мо хеле қавӣ буд. Ба назарам, ин гуна видео-конфронсҳоро бояд муназзам, моҳе як маротиба баргузор кард», - гуфт яке аз ширкатдорони видеоконфронсҳо, таҳлилгари сиёсӣ Марс Сариев. Бояд зикр кард, ки коршиносони ғарб андак вазъи сиёсии Қирғизистонро аз дигар зовия мебинанд ва барои онҳо ин шакли гуфтугӯи видеоӣ имкони донистани вазъ аз дохилро фароҳам меорад. Аз ин хотир, ин ҷо майдони бузург барои ҳамкории судманд ва коркарди қарорҳои мувофиқ вуҷуд дорад. «Мо дар оламе ба сар мебарем, ки на фақат оянда пешбининашаванда аст, балки гузашта ҳам модел мешавад. Масалан, ҳангоми ҳаводиси июн дар ҷануби Қирғизистон мо шоҳиди он будем, ки чӣ тавр дар майдони иттилоотӣ моделсозии шадид ҷараён дошт. Аз ин сабаб, ҷомиаи байнулмилал вазъи Қирғизистонро якҷониба қабул мекард. Ин гуна видеоконфронсҳо имкон медиҳанд, ки ба бисёр чизҳо воқеитар назар андохта шавад» – гуфт Марс Сариев. Коршиносон зикр карданд, ки ин чаҳорчӯбро метавон барои гуфтугӯҳои миёни коршиносон ҳам дар дохили минтақа ва ҳам ҳамкорон аз дигар қисматҳои ҷаҳон барои баррасии ҳар гуна масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоӣ истифода кард. Ин чаҳорчӯб имкон медиҳад, ки дар режими воқеии замонӣ ва фазои дӯстона бисёр масъалаҳоро дастҷамъона ҳал кард. IWPR варақаҳои матбуотиеро пахш мекунад, ки лаҳзаҳои асосии сӯҳбатҳоро дарбар мегиранд ва инчунин стенограммаи ҳар як видеоконфронсро мо метавонем ба онҳое, ки ба масъалаҳои минтақа хеле рағбат дорад, пешкаш кунем.



***Ишенбой Абдураззоқов, арбоби ҷамъиятӣ, дипломат, собиқ котиби давлатии ҶҚ***

*Ҳар қадар муколамаи коршиносона миёни ҳамкорон аз кишварҳои гуногун дар чунин чаҳорчӯб бештар аст ва ҳар қадар доираи масъалаҳои матраҳшаванда васеъ бошад, ҳамон қадар фаҳмиши равандҳои ҷорӣ дар кишвар беҳтар мешавад. Равобити сиёсии миёни давлатҳои низ ҳамон қадар беҳтар хоҳад шуд.*

**МИЗҲОИ ГИРД**

# МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ ДАСТРАСӢ БА МАЪЛУМОТИ МИЁНА ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Душанбе. 16-17 апрели соли 2010***

Мизи гирд аз сӯи IWPR бо дастгирии вазорати маорифи ҶТ ва мусоидати Бунёди кӯдакони СММ (UNICEF), Институти Ҷамъияти Кушода – Бунёди мадад дар Тоҷикистон баргузор шуд. Ин аввалин мизи гирд дар сатҳи минтақа буд, ки мутахассисони гуногунсоҳаро барои баррасии мушкилоти умумӣ ва дар аксар маврид ҳамсонро ба ҳам овард. Дар ин баҳси минтақавӣ беш аз 60 намоянда аз Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон иштирок карданд. Дар ин сол барои кишварҳои Осиёи Марказӣ (ба истисиони Туркманистон) ислоҳоти сохтори маориф, аз ҷумла гузаштан ба таълими 12 – сола дар мактаби миёна хеле муҳим ба шумор мерафт. «Имрӯз дар бисёр ҷумҳуриҳо ислоҳоти соҳаи маориф амалӣ мешавад, – гуфт сарвари шӯъбаи маориф ва илми дастгоҳи президенти Тоҷикистон Ҳамидуллохон Фақеров. - Тоҷикистон ҳам дар ин самт кор мекунад ва ният дорад соли 2014 ба таълими 12 – солаи маълумоти миёна гузарад». Дар навбати худ, намояндаи парлумон аз Қазоқистон Мухтор Абенов зикр кард, ки кишвари ӯ ҳанӯз соли 2001 дар бораи тасмими гузаштан ба маълумоти 12 – соларо эълом дошта буд, аммо ҳанӯз ба қарори амалии масъала даст назадааст: «Дар кишвари мо ба ин масъала батадриҷ ва муназзам мегузаранд, ба он хотир ки тамоми сохторҳои маориф ба ин ислоҳот омода шаванд ва онро ба дараҷаи кофӣ самаранок анҷом диҳанд» - зикр кард намояндаи Маҷлиси Қазоқистон. Дар давоми мизи гирд ҳамчунин зикр шуд, ки кишварҳо дар даврaҳои гуногуни амалӣ кардани ислоҳоти ин соҳа қарор дошта, ҳар яке монеаҳои худро дар дастрасӣ ба маълумот доранд: аз фақр ва муҳоҷират то меҳнати васеъ густардаи кӯдакон. Ҳамзамон дар ҳар як кишвари минтақа теъдоди муайяни кӯдакон берун аз мактаб мондаанд. Тибқи омор, дар Тоҷикистон 2,5% аз шумораи умумии мактабиён, дар Қазоқистон ва Ӯзбекистон – 0,2% ва дар Қирғизистон беш аз 80 ҳазор кӯдаки синни мактабӣ таҳсил намекунанд. Боз як мушкили умумӣ дар соҳаи маорифи кишварҳои минтақа фарогирии пасти кӯдакон бо маълумоти томактабӣ унвон шуд, ки наметавонад ба сатҳи давраҳои навбатии маълумот бетаъсир бошад. Ширкатдорони мизи гирд тавсияҳои умумиеро барои сарварони ҳукуматҳо, мақомоти давлатии соҳа, СҒД, ВАО ва созмонҳои байнулмилалӣ омода карданд, то нишон дода шавад кадом мушкилот дар соҳаи маориф бояд қабл аз ҳама ҳал шаванд, ки паёмадҳои аз ин бадтарро наоранд.

***Гулҷамол Султоналиева, раҳбари «Доор эли», и.в. раҳбари Шӯрои ҳуқуқи башари ҶҚ, намояндаи Жогорку Кенеши ҶҚ, даъвати IV***

*Дар ин мизи гирди IWPR ман пешниҳод кардам, ки шабакаи байнипарлумонии Осиёи Марказӣ барои баррасии масъалаҳои мухталифи рӯзмарра, аз ҷумла дастрасӣ ба маълумот ташкил шавад. Бармалост, ки дар минтақа робитаи мақомоти қонунбарори ҷумҳуриҳо ба таври кофӣ истифода намешавад. Мо метавонистем лоиҳаҳои қонунҳоро бар пояи таҷрибаи ҳамсояҳо дар ҳалли мушкилоти ҳамсон роҳандозӣ кунем.*



***Муҳаббатшо Рӯзадоров, мушовири президенти Тоҷикистон дар масоили илм ва фанноварҳои муосир***

*Масъалаи дастрасӣ ба маълумоти миёна кайҳо боз дар кишварҳои минтақа дар чунин сатҳи олӣ баррасӣ нашуда буд. Хеле мизи гирди муҳим буд, зеро мушкилоти бардоштшуда барои тамоми минтақа муҳиманд. Метавон гуфт, ки маориф қариб дини ҳазораи саввум аст, аз ин хотир, мо бояд маҳз ба ҳамин масъала таваҷҷӯҳи бузург дошта бошем. Хеле хуб мешуд, як майдони умумиминтақавӣ эҷод шавад, то мо якдигарро беҳтар фаҳмем ва бо ҳамоҳангии бештар қарорҳо қабул кунем. Ин гуна чорабиниҳо ба ин хеле мусоидат мекунанд.*



**МИЗҲОИ ГИРД**

# МУКОЛАМА БАРОИ ҲАЛЛИ МУХОЛИФАТҲО МИЁНИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР МАВЗӮИ ОБ

***Душанбе. 12 июни соли 2009***



«Ба афзоиши мухолифатҳо рӯи истифодаи об дар кишварҳои минтақа, ки аз оби ду дарёи бузургтарин - Сирдарё ва Амударё истифода мекунанд, набояд роҳ дод, - ин аст хулосаи аслии баҳсе, ки миёни ширкатдорони мизи гирд дар мавзӯи «Мушкилоти обу энержӣ дар Осиёи Марказӣ: оё ҳусни тафоҳум имкон дорад?» баргузор шуд.

Беш аз 50 мутахассис, ки дар миёни онҳо коршиносони аршади соҳаи истифодаи об ва энержии обӣ, намояндагони сохторҳои ҳукуматии кишварҳои Осиёи Марказӣ, намояндагони мардум ва дипломатҳои дар Тоҷикистон сабтшуда ва ҳамчунин намояндагони ВАО буданд, ҷанбаҳои гуногуни ин масъаларо баррасӣ карданд. Аз Ӯзбекистон намояндаи сафорати ин кишвар дар Тоҷикистон ҳузур дошт. Ширкатдорони мизи гирд кӯшиданд, ки нуктаҳои наздикеро дар мавқеи кишварҳои дарёҳои фаромарзӣ пайдо кунанд. Новобаста ба гармии баҳсҳо, ҳамагӣ бар ин иттифоқи назар доштанд, ки набояд ба афзоиши ташаннуҷ дар равобити миёни кишварҳо барои баҳсҳои обӣ роҳ дода шавад ва бар зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои ҳамдигарфаҳми баромадан аз вазъи мавҷуд таъкид шуд. Нақши махсусро дар ин амр ВАО доранд, зикр карданд ширкатдорон. Ба нақши ВАО дар инъикоси ин мушкил як иҷлоси махсуси мизи гирд тахсис ёфт, ки дар давоми он коршиносон тавонистанд даъвоҳои худ ба рӯзноманигоронро пеш оранд, ки матолибашон минҷумла на фақат ба ҳалли баҳсҳои обӣ мусоидат намекунанд, балки ба оташи мухолифатҳо рӯған мерезанд. Рӯзноманигорон дар навбати худ тавонистанд аз ҷузъиёти равобити кишварҳо дар масоили обу энержӣ мустақиман аз худи мутахассисон огоҳ шаванд. Лаҳзаи аз ҳама мусбати мизи гирд ин буд, ки он бори аввал базаи ибтидоии бештар самарабахши муколама миёни ҷонибҳо дар сатҳи коршиносонро фароҳам овард.

***Парвиз Муллоҷонов, сиёсатшиноси тоҷик***

*Мушкилоти истифодаи об дар кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз мавзӯҳои пурзиддияттарини минтақа аст, ки баҳсҳои зиёд ва ноҳамгунии мавқеи кишварҳоро ба вуҷуд овардааст ва сол ба сол он доғтар мешавад. Ба ман чаҳорҷуби баррасии ин мавзӯъ, ки аз сӯи IWPR пешниҳод шуд, хеле писанд омад. Хеле пеш зарурати ин вуҷуд дошт, ки ҷузъиёти мушкил рӯшан шавад. То ин дам мо фақат баҳогузориҳои якҷонибаи мушкилоти обу энержиро мешунидем.*



**МИЗҲОИ ГИРД**

# ТАШАББУСҲОИ ИНТЕРНЕТИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА ОНЛАЙН - РӮЗНОМАНИГОРӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Бишкек. 24-25 ноябри соли 2009***

Мизи гирди минтақавӣ бо ин унвон дар пресс-клуби Бишкек охири соли 2009 баргузор шуд. Он маҳз соле баргузор шуд, ки Қазоқистон аз миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ тариқи қонунгузорӣ ба захираҳои интернетӣ аввалин шуда мақоми расмии ВАО-ро дод. Дар кори мизи гирд мутахассисони матбуот, ҳомиёни ҳуқуқ, намояндагони созмонҳои байнулмилалӣ, кормандони зидахли мақомоти давлатӣ, аъзои парлумон, рӯзноманигорон ва сиёсатшиносон аз Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ширкат доштанд. Коршиносон сатҳи озодии баён дар Интернет дар Осиёи Марказӣ ва рушди ташаббусҳои интернетии ҳифзи ҳуқуқу рӯзноманигории шаҳрвандӣ дар ҳар як кишвари алоҳидаро баррасӣ карданд. Тавре (он замон) президенти Институти сиёсати ҷамъиятӣ (IPP) Мурат Имоналиев зикр кард, «Интернет яке аз асосҳои сифатан нави зиндагии муосир аст ва пайдоиши ҷомиа ва иттиҳодияҳои интернетӣ, ба гунаи кадом як институтҳо, аз ҷумла тариқи онлайн - рӯзноманигорӣ инкишоф меёбад». Директори минтақавии IWPR дар Осиёи Марказӣ Абахон Султонназаров зикр кард, ки баробари афзоиши миқдори истифодакунандагони шабака вижагии Интернет таваҷҷӯҳи бештари давлат ва ҷомиаи шаҳрвандиро ҷалб мекунад. Тибқи омори Internet World Stats (www.internetworldstats.com), сентябри соли 2009 сатҳи воридшавӣ ба Интернет дар Осиёи Марказӣ чунин будааст: Қазоқистон – 14,9%, Қирғизистон – 15,6%, Тоҷикистон – 8,2%, Туркманистан – 1,5%. Дар бораи Ӯзбекистон ин созмон маълумоте надорад. «Интернети бесим бо суръати баланд рушд мекунад. Бармалост, ки баробари поён омадани нархи интернетрасонҳо теъдоди муштариёни шабака меафзояд, - зикр кард мудири шӯъбаи таҳқиқоти иҷтимоӣ - иқтисодии Институти таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Антон Морозов. – Аз ин хотир, кӯшишҳои муҳофизатии давлат дар мариди ҷорӣ кардани назорати фазои интернетӣ фаҳмо мешаванд». Намояндагони расмии ҳукумати ҶҚ баробар кардани захираҳои интернетӣ бо ВАО – ро бо «кӯшиши вусъат бахшидани рушди интернет - рӯзноманигорӣ дар чаҳорчӯби майдони ҳуқуқӣ» асоснок карданд. Дар мизи гирд коршиносон ба мушкилоти масдуд кардан, амнияти онлайн - рӯзноманигорон ва блоггерҳо таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карданд. Аз ҷумла, яке аз ширкатдорони мизи гирд, рӯзноманигори мустақил аз Ӯзбекистон Сергей Наумов зикр кард, ки дар ҳоли ҳозир дар ин кишвари Осиёи Марказӣ «шурӯъ аз интернет – кафе то охирин нуктаи фаъолияти ширкати «Узтелеком» филтратсияи бисёрсатҳа» ҷой дорад. Равандҳои асосии вазъи имрӯзи Интернет дар Тоҷикистон сатҳи поёни паҳншавии Интернет ва камбуди мутахассисони соҳаи фанноварихои иттилоотӣ - мухобаротӣ мебошанд. Дар ин бора зимни нутқаш ҳангоми мизи гирд Нуриддин Қаршибоев, раиси Анҷумани миллии расонаҳои мустақили Тоҷикистон сӯҳбат кард. Вай зикр кард, ки онлайн-рӯзноманигорӣ, тавре ки ҳаст, дар Тоҷикистон се – чор соли пеш пайдо шуд ва дар ҳоли ҳозир аксарияти онлайн - рӯзноманигорони ҷумҳурӣ худомӯз ҳастанд. Аз ин хотир, ба фикри ӯ, ҳам дар Тоҷикистон ва низ дар кишварҳои дигари минтақа зарурати баргузории семинарҳои омӯзиши махсусиятҳои кори рӯзноманигорон дар Интернет пеш омадааст.



***Одил Ҷалилов, асосгузори MediaNet***

*Интернет дар Осиёи Марказӣ, бешак, майдони аз ҳама озоди иттилоъ аст. Танзими шабакаи Интернет бояд ба ҳадди худтанзимкунӣ оварда шавад. Муассиртарин васила назорати муштариён аз мундариҷа мешавад, дар ҳоле ки қабули қавонин ва дигар тадобири маҳдудкунӣ ҳамаи захираҳои интернетиро новобаста аз мундариҷа ва рисолаташон ба чолиш рӯбарӯ мекунад.*



***Артур Неъматов, мутахассиси равобит бо ҷомиаи радиои «Azattyq»***

*Рӯзноманигории шаҳрвандӣ дар минтақа дар огози ташаккул аст. Рушди он мустақиман аз сатҳи рушди худи ҷомиаи шаҳрвандӣ вобаста аст. Давлат бояд амнияти муштариёнро дар шабака таъмин кунад ва web-захираҳо бояд ҳифозати иттилоъро кафолат диҳанд.*

Ширкатдорони мизи гирд ба хулосае омаданд, ки дар Осиёи Марказӣ ҳамаи имкониятҳои Интернет, блоггинг ва микроблогҳоро нодида мегиранд, аввал, ба сабаби бехабар будан, дуввум, барои он ки то ба ҳол интернет мисли пештара воситаи дилхушӣ қабул мешавад. Дар ин маврид ҳангоми нутқаш рӯзноманигори қазоқ, муаллиф ва муҳаррири сомонаи «Радио Азаттик» Артур Неъматов сӯҳбат кард. Нуриддин Қаршибоев зикр кард: «Ҳоло интернет — рӯзноманигорӣ дар Осиёи Марказӣ дар ҳолати ибтидоӣ қарор дорад. Мушкилот ҳам кадрӣ, ҳам фаннӣ ва ҳам қонунгузорӣ ҳастанд. Зарур аст фаҳмем, ки ҳама гуна шакли сензура дар ВАО-и анъанавӣ қобили қабул нест ва аз ин хотир, набояд алайҳи интернет — нашриёҳо истифода шавад. Ҳамчунин зарур аст дақиқ маълум кунем, ки мо бояд мустақилона интернет-контентро танзим кунем, то ба танзим аз сӯи мақомот эҳтиёҷ пайдо нашавад». Ҳамчунин рушди Интернет бо захираҳои инсонӣ муайян мешавад, аз ин хотир, боло бурдани сатҳи дониши аҳолӣ дар соҳаи фанноварихои ҷадиди интернетӣ имрӯз хеле муҳим аст. Натиҷаи асосии чорабинӣ омода кардани тадобири боло бурдани муассирии захираҳои иттилоотии кишварҳои минтақа шуд.

# ОЗМУНИ РӮЗНОМАНИГОРОН БАРОИ ИНЪИКОСИ БЕҲТАРИНИ МАСОИЛИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР ВАО

## БАРАНДАГОН

Номинатсияи «ВАО — и чопӣ»:
Ҷойи 1 – **Елена Воронина** (Қирғизистон)
Ҷойи 2 – **Елена Братухина** (Қазоқистон)
Ҷойи 3 – **Рамзия Мирзобекова** (Тоҷикистон)

Номинатсияи «Онлайн-ВАО»:
Ҷойи 1 – **Намоянда** аз Ӯзбекистон
Ҷойи 2 – **Тилав Расулов** (Тоҷикистон)
Ҷойи 3 – **Бакит Ибраимов** (Қирғизистон)

Номинатсияи махсуси «Ҳуқуқи кӯдакон ва занон» –
**Абдурақиб Қодиров** (Тоҷикистон)

Номинатсияи махсуси «Шиканҷа, боздоштҳои ғайриқонунӣ
ва маҳкумиятҳо» – **Жасулан Кужеков** (Қазоқистон)

Номинатсияи махсуси «Озодии сухан» –
**Сергей Расов** (Қазоқистон)

Номинатсияи махсуси «Озодии ҳаракат» –
**Дилбегим Мавлонӣ** (Ӯзбекистон)

Номинатсияи махсуси РКОҲБ СММ «Манзили кофӣ» –
**Валентина Қосимбекова** (Тоҷикистон)

Номинатсияи махсуси РКОҲБ СММ «Манзили кофӣ» –
**Асил Усмоналиева** (Қирғизистон)

Номинатсияи махсуси РКОҲБ СММ «Манзили кофӣ» –
**Махамбет Абжан** (Қазоқистон)

Номинатсияи махсуси сафорати ИМА дар ҶТ –
**Ирина Умарова** (Тоҷикистон)

Номинатсияи махсуси сафорати ИМА дар ҶТ –
**Фазлиддин Хоҷаев** (Тоҷикистон)

Дар Душанбе ва Бишкек 8 ва 10 декабри соли 2010 ҳамзамон маросими пуршӯкӯҳи мукофотонии барандагони озмуни Осиёи Марказӣ барои рӯзноманигорон «Инъикоси беҳтарини масоили ҳифзи ҳуқуқ дар ВАО» аз Қирғизистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистона. Ба ҷоизадорон муҷассамаи хурди бириниҷӣ дар шакли қалами пардор, диплом ва пул дар ҳаҷми 300 то 1000 доллари амрикоӣ вобаста аз номинатсия супурда шуд.

Озмун соли 2009 эълон шуда буд. Аз он вақт ба ин сӯ ба IWPR беш аз 100 дархост аз рӯзноманигорони расонаҳои давлативу хусусӣ ва озоди чор кишвари минтақа ворид шуд. Ҳайати ҳакамон аз ҳафт ҳомии ҳуқуқи босалоҳият, рӯзноманигор ва ҳуқуқшинос аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон иборат буд, ки дар дохилу хориҷи кишвари худ шинохта шудаанд: Вячеслав Абрамов, Андрей Гришин, Сардар Бағишбеков, Шамарал Майчиев, Ойниҳол Бобоназарова, Шаҳло Акобирова, Ҳакимҷон Ҳусанов.

**ОЗМУНИ РӮЗНОМАНИГОРОН БАРОИ ИНЪИКОСИ БЕҲТАРИНИ МАСОИЛИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР ВАО**

*Ёддошт барои рӯзноманигороне, ки мехоҳанд дар озманҳои IWPR ширкат кунанд: Моҳи майи соли 2011 IWPR давраи нави озмуни «Инъикоси беҳтарин масоили ҳифзи ҳуқуқ» - ро барои ВАО-и навиштори ва онлайн, ҳамчунин аксбардорон эълон мекунад. Марҳамат, аз намояндагиҳои IWPR дар кишварҳо метавонед маълумоти бештар пайдо кунед.*

Узви ҳайати ҳакамон, Ҳакимҷон Ҳусанов гуфт, дар раванди интихоби беҳтарин мақолаҳо миёни ҳакамон рӯи номинатсияҳои алоҳида баҳсҳои тезутунд барпо шуданд. “Дар оғоз мо алоҳида муҳокима кардем, баъд ҷамъ шудем (тариқи Skype-conference), то ғолибонро интихоб кунем” – нақл кард ӯ.

Коршиносон зикр карданд, ки ҳамзамон бо боло бурдани меъёрҳои касбӣ, ин гуна озмунҳо инъикоси мавзӯҳои ҳуқуқи инсонро таҳким мебахшанд, зеро ба қавли аксари иштироккунандагон, инъикоси ин мавзӯҳо кори содда нест – кӯшиши оддии дастрас кардани иттилоъ аз мақомот метавонад то шикоят аз рӯзноманигор ба суд расонад.

Маърифати ҳуқуқии аҳолӣ маъсулияти институтҳои давлатии ҳифзи ҳуқуқро, ки “ҳоло ба аксар ҳаводиси нақзи ҳуқуқ чашм мепӯшанд”, боло мебарад, - мегӯяд Рамзия Мирзобекова, рӯзноманигори тоҷик, саввумин ҷоизадор аз рӯи категорияи “ВАО-и чопӣ”, ки дар таҷрибаи худ бо халоиҳаои рӯзноманигории ҳифзи ҳуқуқ дучор омадааст.

Жасулан Кужеков, рӯзноманигори Радиои Аврупои Озод/Радио Озодӣ аз Қазоқистон, ки аз рӯи номинатсияи махсуси “Шиканҷа ва боздоштҳои ғайриқонунӣ” мукофот гирифтааст, мегӯяд, муддати тӯлонӣ бо инъикоси масоили тиҷорати нафт машғул буд, аммо аз замони дар мавзӯи ҳифзи ҳуқуқ навиштанаш нияти бозистонданро надорад.

Елена Воронина, ҳомии машҳури ҳуқуқ аз Қирғизистон, ки ҷоизаи аввалини номинатсияи “ВАО-и чопӣ”-ро гирифтааст, мегӯяд, аз баланд қадрдонӣ шудани силсилаи мақолаҳояш дар бораи ҳуқуқи кӯдакон аз сӯи ҳакамон дар ҳайрат афтодааст. “Ин на фақат пирӯзии ман, балки пирӯзии ҳамаи он кӯдаконест, ки ман дар бораашон менависам”, - гуфт Воронина.

“Ин маросим барои мо як иди ҳақиқӣ буд” – гуфт рӯзноманигори тоҷик Валентина Қосимбекова ва афзуд, аз дидани аъзои парлумони Тоҷикистон, мансабдорон, намояндагони СҒД-ҳои маҳаллӣ ва созмонҳои хориҷӣ, ки барои табрики ғолибони озмуни рӯзноманигорӣ ба маросими ҷоизасупорӣ дар Душанбе омада буданд, шод шудааст.

Намояндаи минтақавии Раёсати Комиссариати Олии Ҳуқуқи Башари СММ дар Осиёи Марказӣ Фиона Фрейзер гуфт, ин ташаббуси бобарор буд ва аз IWPR барои созмони ин озмун сипосгузорӣ кард. Ӯ ҳамчунин гуфт, РКОҲБ СММ ният дорад номинатсияи худро таъсис диҳад, агар ин гуна озмун соли оянда баргузор шавад.

Озмунро Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) дар чаҳорчӯби лоиҳаҳои “Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва маърифати ҳифзи ҳуқуқ тариқи ВАО дар Осиёи Марказӣ”, ки аз сӯи Комиссияи Аврупо сармоягузорӣ мешавад, ва “Барномаи иттилоотии инъикоси масоили ҳуқуқи башар, бӯҳронҳо ва таҳкими эътимод”, ки аз сӯи ҳукумати Норвегия дастгири мешавад дар ҳамдастӣ бо шӯъбаи Раёсати Комиссари Олии Ҳуқуқи Башари СММ (UNHCHR) ва сафорти ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пуштибонии молӣ мешавад, ташкил кард.

# НАШРИ АДАБИЁТ БАРОИ РӮЗНОМАНИГОРОН ВА ҲОМИЁНИ ҲУҚУҚ

13, 15 ва 26 октябр дар Алмаато, Душанбе ва Бишкек ҳамзамон маросими муаррифии маҳсулоти нашаротии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) барои рӯзноманигорон ва ҳомиёни ҳуқуқ, ки соли 2010 ба чоп расиданд, баргузор шуд. Дар миёни нашароти нав дастурҳои «Мухобироти муассир» ва «Инъикоси ҳуқуқи инсон» ҳастанд, ки тавсияҳо аз таҷрибаҳоро дарбар мегиранд, то ВАО ва СҒД ҳамдигарро фаҳманд, яъне ҳомиёни ҳуқуқ роҳандозии кори созмонҳои худ бо ВАО ва рӯзноманигорон бо ҳирфаият инъикос кардани мавзӯҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқро дарк кунанд. Ба ҷуз ин, имсол Институт ба забонҳои маҳаллӣ дастури қаблан ба забонҳои англисӣ ва русӣ тарҷумашудаи IWPR барои рӯзноманигорони маҳаллӣ таҳти унвони “Гузоришҳо ба хотири дигаргуниҳо” – ро нашр кард, ки аз сӯи мутахассисон яке аз беҳтарин китобҳои меъёрҳои байнулмилалии журналистика эътироф шудааст. Ҳамчунин ба забони русӣ Институт дастуруламал дар бораи радиожурналистикаро нашр кард.

Ҳангоми маросими муаррифӣ ин китобҳо ба факултаҳо ва кафедраҳои журналистикаи донишгоҳҳои маҳаллии Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон, ҳамчунин доираи васеъи СҒД ва созмонҳои расонаии минтақа тӯҳфа шуданд. Камназирии китобҳои IWPR дар он аст, ки онҳо таҷрибаи коршиносони ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказиро як ҷо гирд овардаанд. Муаллифон, ба шумули кормандони IWPR, ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорони аршади Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ҳастанд, ки дар дохилу хориҷи кишвари худ машҳуранд.

Гулҷигит Соронқулов, муовини вазири маориф ва илми Қирғизистон зарурати ҳамчунин китобҳо барои ма-

орифро зикр кард. Сарвари кафедраи журналистикаи байнулмилалии Донишгоҳи славянии Қирғизистону Русия (КРСУ) Александр Катсев гуфт, ин китобҳо “ҳақ ба таҳаммулпазирӣ дар замони баъд аз тоталитаризмро тасдиқ мекунанд”, зеро, ба фикри Катсев, “ҳар қадар ба забонҳои мухталиф китоб чоп шавад, ҳамон қадар онҳо ба шуури донишҷӯён бештар ворид мешаванд ва ҳамон қадар ғояҳои таҳаммулпазирӣ дар ҷомиа меафзояд”.

Намояндаи созмони ҳифзи ҳуқуқи рӯзноманигорони Қазоқистон – “Адил соз” Софя Лапина бар ин аст, ки “дастурҳо рӯзноманигоронро ҷавонро ба мавзӯҳои ҳифзи ҳуқуқ ҷалб намуда, ба онҳо барои дарёфти самт дар ҷараёни иттилоот кӯмак мерасонанд”.

Зебо Тоҷибоева, яке аз муаллифони дастуруламал барои радиожурналистон нақл кард, ки асоси кори муаллифон донишҳои шахсӣ ва таҷрибаи кори журналистиву муҳарририи гузоришҳои таҳлилии радиоӣ буд. “Вақтҳои охир дар Тоҷикистон чун кишварҳои дигар ин жанри радиожурналистика, ки суҷаи таҳлилӣ ном дорад, қариб буд аз байн равад. Ин воситаи аҷибтарини додани иттилоъ ба шунавандагони радио аст. Аз ин хотир, маҳз ин жанр асоси ҳамаи лоиҳаи радиоии IWPR ва ин дастуруламал қарор гирифт” – гуфт вай.



***Гулнор Асанбаева, муаллифи калони Департаменти рӯзноманигории KIMEP:***

*Дастури IWPR дар бораи навиштани хабарҳо ва гузоришҳо- «Гузоришҳо ба хотири дигаргуниҳо» - манбаъи хубе барои донишҷӯёни KIMEP аст. Донишҷӯёни мо имкониятҳои ширкат дар таҷрибаомӯзиҳои IWPR дар Алмааторо меҷӯянд. Дар чаҳорчӯби курсҳои худ мо муназзам муҳаррирони IWPR — ро ба дарсҳои амалии донишгоҳ даъват мекунем.*

Дар бораи аввалин дастур барои ҳомиёни ҳуқуқи башар раҳбари СҶ “Нота бене”, ҳомии машҳури ҳуқуқ Нигина Баҳриева гуфт: “Бори аввал дар як китоб маслиҳатҳои амалӣ ва пешниҳодҳои назариявӣ дар бораи чӣ тавр бо ҷомиа барқарор кардани робита ҷамъоварӣ шудаанд”..

Маросими муаррифии китобҳои IWPR таваҷҷӯҳи васеъи рӯзноманигорон, намояндагони сохторҳои давлатӣ, созмонҳои расонаӣ, бахши шаҳрвандӣ, донишгоҳҳо, созмонҳои байнулмилалӣ ва миссияҳои дипломатӣ дар кишварҳои минтақаро ҷалб кард. Дафлоиҳаои Институт дар кишварҳо аз созмонҳо ва афроди алоҳида барои маҷҷонӣ додани маҳсулоти нашаротӣ дархост қабул мекунанд.



***Додарбек Сайдалиев, проректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб оид ба равобити байнулмилалӣ***

*Шӯъбаи рӯзноманигории донишгоҳи мо ду сол аст, ки фаъолият дорад, аммо то ба ҳол ба камбуди шадиди устодон ва адабиёти таълимӣ-методӣ мувоҷеҳ аст. Китобҳои IWPR барои мо кӯмак буданд. Барои Тоҷикистон нашри ин гуна адабиёти ҳирфаӣ, ки бар маслиҳатҳои амалӣ асос ёфтааст, хеле саривақтӣ аст.*

***Аскар Акталов, донишҷӯи соли 3-юми Донишгоҳи славянии Қиргизистону Русия (ДСҚР), хабарнигори Kloop.kg***

*Адабиёти зарурӣ ва муфид, ки дар худ ҳаҷми зарурии назария, маслиҳатҳои амалии коршиносон ва рӯзноманигорон, мисолҳо ва таҷрибаи шахсиро омезиш дода, чизи зиёдатӣ надорад. Иттилоъ дар шароити кунунии кор дар кишвари мо истифодашаванда аст.*



## КИТОБҲОИ IWPR БА ДОНИШГОҲҲОИ ЗЕРИН ҲАДЯ ШУДААНД:

Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон;

Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

Донишгоҳи давлатии Хоруғ;

Донишгоҳи давлатии Курғонтеппа;

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд;

Донишгоҳи славянии Қирғизистону Русия ба номи Б.Н. Елсин;

Донишгоҳи Амрико дар Осиёи Марказӣ (ДАОМ);

Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Ж. Баласагин;

Донишгоҳи техникии Қирғизистон ба номи И. Раззоқов;

Донишгоҳи Қирғизистону Туркия «Манас»;

Донишгоҳи давлатии педагогии Қирғизистон ба номи И. Арабаев;

Донишгоҳи давлатии Иссиқ-Кул ба номи К. Тинистанов;

Донишгоҳи давлатии Ӯш;

Донишгоҳи давлатии Қазоқистон ба номи ал-Форобӣ;

Донишгоҳи бизнеси байнулмилалӣ (UIB).

МАВОДИ БЕҲТАРИНИ РӮЗНОМАНИГОРӢ

# ҚАЗОҚИСТОН



## АФРИҚОИҲО ДАР ҚАЗОҚИСТОН БАРОИ ҲАҚҚИ ЗИСТ МУБОРИЗА МЕБАРАНД

*22 марти соли 2010*

Ҳудуди 200 африқоӣ баъд аз хатми донишгоҳҳо дар Қазоқистони ба истиқлол дастёфта сукунат ихтиёр карданд. Новобаста аз он, ки муддати тӯлонӣ дар кишвар ба сар мебаранд, аксари онҳо наметавонанд мақоми дақиқи қонунӣ гиранд. Қаҳрамони мақолаи Андрей Гришин Треоре иҷоза барои зистро соли 2004 ба даст овард, аммо аз он замон ба ин сӯ бо мушкили тамдид кардани асНодаш мувоҷеҳ мешавад. Треоре ва дигар пурсидашудагон мегӯянд, ки онҳоро бесабаб табъиз менамоянд ва маҷбур мекунанд, ки асноди дар рӯйхат набударо ҳам биспоранд. Ба назари Виктория Тюленева, ҳуқуқшиноси Бюрои байнулмилалии ҳуқуқи инсони Қазоқистон, мушкил фақат саҳлангорӣ дар кори африқоиҳо нест, балки бо ҳамчунин бархӯрд ҳамаи муҳоҷирон рӯбарӯянд. Дар Қазоқистон аз 300 ҳазор то 1 миллион муҳоҷир ба сар мебаранд, ки аксарияташон коргарони мавсимӣ аз ҳамсоякишварҳо - Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ҳастанд. Нақзи ҳуқуқҳо ҳамчунин аз он сар мезанад, ки худи муҳоҷирин аксар вақт ҳаққи қонунии худро намедонанд, – мегӯянд ҳомиёни ҳуқуқ.

**ҚАЗОҚИСТОН**

*Эдуард Полетаев, сиёсатшинос аз Қазоқистон*

IWPR – яке аз нодиртарин гурӯҳҳои рӯзноманигорӣ дар Қазоқистон аст, ки таҳлили ҳифзи ҳуқуқ ва шарҳҳоеро барои таваҷҷӯҳи ҷаҳониён бо забони англисӣ пешниҳод мекунад. IWPR хеле муддат аст, ки ба таври муассир рӯзноманигорони ҷавонро меомӯзад. Ба ман бисёр мисолҳо маълуманд, ки муаллифони IWPR дар Қазоқистон соҳиби эътибор шудаанд.



# ГУЗОРИШИ МАХСУС «ҒУЛОМДОРӢ МӮД МЕШАВАД»

***4 декабри соли 2009***

Дар яке аз деҳоти шарқи Қазоқистон аз ҷониби кормандони РМҶМ як гурӯҳи чаҳорнафара ошкор ва озод карда шуд, ки ба зурӣ нигоҳ дошта мешуд. Ин гуна ҳаводис дар ин минтақа қаблан ҳам рух медоданд ва ин рухдод, ба назари коршиносон, охирин нест. Яке аз сабабҳои ғуломдорӣ дар Қазоқистон камбуди кадрҳои корӣ дар деҳот аст. Дар замони шӯравӣ курсҳои таълими ҷӯшандагӣ, чӯпонӣ ва чорводорӣ вуҷуд доштанд. Ин ба меҳнат дар музофот тақвият медод. Ҳоло ҷавонон ба шаҳрҳо, барои дарёфти музди безаҳмат ва бештар баланд мешитобанд. Аммо ҷӯшанда ва чӯпониро аксар вақт онҳое ихтиёр мекунанд, ки бехонаву дар ҳастанд ва иҷборан аз шаҳр оварда мешаванд. Муаллифи матлаб Яна Герасимова тавонист бо Қодиралии 50 — сола ҳамсӯҳбат шавад, ки тасодуфан ба ғуломӣ афтодааст. Сангтароши касбӣ, ки дар яке аз сохтмонҳои шаҳри Семея кор мекард, ҳамчун бехонаву дар пазируфта ва иҷборан ба деҳа бурда шуд, ки якҷо бо се одами дигар муддати тӯлонӣ дар хоҷагии деҳқонӣ кор кард. Ин парванда дар суд аз рӯи моддаи 128 Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Қазоқистон баррасӣ мешавад.



*Александр Егорченко, директори нашриёти «Драккар», сардабири маҷаллаҳои «Бозори когазҳои қиматноки Қазоқистон» ва «Моболиги шахсӣ»:*

Ман муназзам маводи сомонаи IWPR-ро мехонам ва аз далелу ҳаводиси аҷибе дар Қазоқистон хабар меёбам, ки на дар ҳамаи ВАО-и кишвар нашр мешаванд. Ба ман бархӯрди ҳамаҷониба ва сохтории IWPR дар инъикоси ҳаводис писанд аст, бахусус вақте сухан аз ҳуқуқи инсон меравад. Ҷомиаи мо ба ҳамчунин иттилоъ ниёз дорад, то шаҳрвандони мо ҳуқуқҳо ва меъёрҳои демократии давлати худро беҳтар фаҳманд.



# КӮДАКОНРО ДАР ҶАНУБИ ҚАЗОҚИСТОН БА ПАХТАЧИНӢ МАҶБУР МЕКУНАНД

***26 ноябри соли 2009***

Рӯзҳои ахир соҳибони заминҳои пахта барои кор кирои муҳоҷирони калонсоли меҳнатӣ аз Ӯзбекистонро оғоз кардаанд. Ба кор ҳамчунин ноболиғонро қабул мекунанд ва ба онҳо сеяки музди калонсолонро медиҳанд. Бадтар аз ҳама ин аст, ки тибқи хабарҳо, мақомоти маҳаллӣ ва мактабҳо дар маҷбур кардани кӯдакони Қазоқистон ба кор дар саҳро даст доранд. Дар ин бора дар мақолааш Олеся Лисенко менависад. Фермерҳои маҳаллӣ мегӯянд: «Ҳамаи хоҷагиҳои бузург аз одамони «калон» аст, ки хешованде дар (маъмурияти) ноҳия ё вилоят доранд». Ба назари онҳо, қаробати хешутабории фермерҳо ва афроди алоҳида дар мақомоти маҳаллии ҳукумат ба онҳо имкон медиҳад, ки мактабиёнро барои ба саҳро баромадан маҷбур кунанд. Наврасоне, ки дар саҳро кор мекунанд, мегӯянд, ба онҳо таҳдид кардаанд, ки баҳои бад мегузоранд, агар аз ин кор саркашӣ кунанд. Омоли омӯзгоронеро, ки дар ин маворид даст доранд, Тамара Утелбоева, сухангӯи прокуратураи вилояти Қазоқистони Ҷанубӣ «нақзи ҳуқуқи кӯдакон» аз сӯи одамоне унвон кард, ки бачаҳо аз онҳо «вобастаанд, онҳое, ки имтиҳон мегирад ва баҳо мегузоранд».

МАВОДИ БЕҲТАРИНИ РӮЗНОМАНИГОРӢ

# ҚИРҒИЗИСТОН



## ГУЗОРИШИ МАХСУС «БАҲОИ ХАРОБКОРИҲО ДАР ҶАНУБИ ҚИРҒИЗИСТОН»

*14 июли 2010*

Пас аз як моҳи даргириҳои байниқавмӣ дар ҷануби Қирғизистон IWPR матлаби бузургеро омода кард. Ҳадаф фароҳам овардани имкон ба шоҳидони беназмиҳои июн буд, то дар баробари омори хушк дар бораи фавтидагон ва харобкориҳо аз фоҷиаҳои инсонӣ сӯҳбат кунанд. Хабарнигорони IWPR тавонистанд маълум кунанд, ки кадом ноҳияҳои шаҳрҳои бузургтарини ҷануб — Ӯш ва Ҷалолобод бештар аз ҳама зарар дидаанд ва то куҷо маълумоти расмӣ дар бораи кушташудагон ва фирориён воқеӣ аст. Сари ин мавод чанд рӯзноманигор кор карданд — як гурӯҳ дар пойтахт ва ҷануб ба ҳамдигар кӯмак расонданд, ки резаҳои маълумотро барои гузориши таҳлилӣ ҷамъ оранд. Гоҳо зарурати розӣ кардани ҳамсӯҳбатон пеш меомад, ки чизе гӯянд, зеро аксарият аз ҳарф задан аслан метарсиданд. Ҳангоми навиштани мақола аксар соҳаҳои зиндагӣ зоҳиран ба ҳолати мӯътадил бармегаштанд, аммо ташаннуҷ дар инсонҳо боқӣ монда буд. Одамон ҳанӯз ҳам маводи ғизоиро барои рӯзи мабодо захира мекарданд ва гурӯҳҳоеро барои назорати навоҳии худ созмон медоданд. Фаромӯш кардани он чӣ ки аз сар гузашт, дар як рӯз имкон надорад.

**ҚИРҒИЗИСТОН**

*Қубат Оторбаев, сарвари ширкати радиову телевизиони Қирғизистон*

Мақолаҳои IWPR ҳамеша таҳлили бо ҷузъиёт ва жарф анҷомшудаи вазъанд. Рӯзноманигорони Институт ҳамеша пушти мавзӯҳое ҳастанд, ки мушкилоти доғи ҷомиаи моро дарбар мегиранд. IWPR бояд ба ин андеша бошад, ки чӣ тавр маводи худро барои аудиторияи аз ин ҳам васеътар расонад.



# «ЖУРНАЛИСТИКАИ ҚИРҒИЗИСТОН АЗ ҲАМА ҶОНИБ ТАҲТИ ФИШОР ҚАРОР ДОРАД»

***3 марти соли 2010***

Гузориши махсуси Анора Юсупова дар бораи вазъи ВАО ва ҳамлаҳо ба рӯзноманигорон дар Қирғизистон миёни хонандагон вокунишҳои зиёд ба вуҷуд овард. Мақола дар бораи он буд, ки солҳои 2009 — 2010 ду мавриди куштори рӯзноманигорони Қирғизистон ҷой дошт – рӯзноманигори машҳури бишкекӣ Геннадий Павлюк дар Алмаато ба таври ваҳшиёна кушта шуд ва рӯзноманигор аз Навкат Алмаз Ташиев пас аз ҷароҳатҳое, ки аз дасти ҳашт милиса бардошт, зинда намонд. Ба ҷузъ ин, солҳои 2009 — 2010 дар марҳилаҳои гуногуни замонӣ як қатор ҳамла ва таҳдиди муҷозот ба кормандони ҳам нашрияҳои маҳаллии пойтахту манотиқ ва ҳам русӣ сурат гирифтанд. Масалан, ба рӯзномаи «Ош шами»-и Ӯш бастае ҳомили гилзаи тир ворид шуд. Мақола дар бораи он нақл мекунад, ки чӣ тавр ин вазъи баъд аз басташавии нашрияҳои оппозитсионӣ дар солҳои 2008 - 2009 ба иқлими иттилоотии кишвар таъсир ва ба афзоиши худсенсорӣ дар ВАО-и Қирғизистон, ки як замон ҳамчун кишвари либералии минтақа шӯҳрат дошт, мусоидат мекунад. Ин ҳама ба сифати иттилоъе, ки шаҳрвандони қатории ҷумҳурӣ мегиранд, таъсири манфӣ дорад.



*Айзатбек Бешов, хабарнигори бахши русии BBC дар Бишкек*

Ба фикри ман, гузоришҳои IWPR ҳангоми бӯҳрони соли 2010 (табаддулоти апрел ва ҳаводиси ҷануби ҶҚ) барои ВАО-и маҳаллӣ бояд намунаи ибрат бошанд. Онҳо мутавозин ҳастанд ва назари ҳама ҷонибҳоеро, ки ба бӯҳрон кашида шуда буданд, дарбар мегиранд. Ба мушоҳидаи ман, рӯзноманигорони IWPR тавонистанд худро «аз вазъ канор гиранд» ва ҳирфаӣ, бидуни таҳриф, кори худро анҷом диҳанд.




# ГУЗОРИШИ МАХСУС «МАҚОМОТИ ҚИРҒИЗИСТОН МЕКӮШАНД ҶИЛАВИ ХУДСАРОНА АЗ ХУД КАРДАНИ ЗАМИНҲОРО ГИРАНД»

***25 ноябри соли 2010***

Мақомоти Қирғизистон алайҳи онҳое, ки худсарона заминҳоро аз худ мекунанд, тадобири шадид намегиранд ва гоҳо бо ғосибон мусолиҳа мекунанд ё усули кашол додани вақтро ба кор мебаранд. Сабина Рейнголд ва Исомидин Аҳмадҷонов дар гузориши вижа мушкили ду ҷамоаи худсаронро инъикос карданд – яке дар маҳалли сохтмонҳои нав дар «Ак жар», ки дар назди Бишкек соли 2005 ба вуҷуд омад ва дигарӣ, ғосибони нави Қаросуй, ки мехоҳанд қитъаҳои заминро дар наздикии Ӯш аз худ кунанд. Дар «Ак Жар», ки се ҳазор сокин дорад, барқу об гузаронида нашудааст. Дар мавриди ғосибони Ӯш масоили моликият пеш омаданд, зеро миёни заминҳое, ки онҳо мехостанд аз худ кунанд, онҳое ҳам буданд, ки ба хоҷагиҳои фермерӣ ва маъмурияти шаҳр тааллуқ доштанд. Ин мавҷи саввуми худсарона аз худ кардани заминҳо дар Қирғизистон аст, ки сокинони манотиқ дар ҷустуҷӯи зиндагии беҳтар ба шаҳрҳои бузург мерезанд. Ба мавҷҳои нави худсариҳо тағйири қудратҳо – ибтидои солҳои 80 – 90, 2005 ва 2010 - низ мусоидат мекунад. Ба назар мерасад, давлат, ҳанӯз як сиёсати ягонаи ҳалли ҳамчунин масоилро надорад.

МАВОДИ БЕҲТАРИНИ РӮЗНОМАНИГОРӢ

# ТОҶИКИСТОН



## ЛОИҲАИ КОНУНИ ХУШУНАТИ ХОНАВОДАГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН БА ТАЪХИР МОНД

***16 октябри соли 2010***

Матлаби Манижа Қурбонова ба он бахшида шудааст, ки чӣ тавр СҒД-ҳои занона даҳ сол боз номуваффақона Қонуни хушунати хонаводагиро пуштибонӣ мекунанд. Мақола ба фаъолшавии марҳалаи нави пуштибонии ин қонуни хеле муҳим оғоз ниҳод. Фаъолони гендерӣ аз он нигаронанд, ки тавре таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, 47,1% мардони пурсидашуда дар Тоҷикистон рисолати асосии занро тавлиди фарзанд ва соҳибхоназани хуб будан мешуморанд. Ин яке аз решаҳои хушунати хонаводагӣ аст ва чанд сол ба ин сӯ боз чуқуртар реша медавонад, ба он сабаб ки муҳоҷирин аз ҳамсаронашон ҷудо мешаванд ва ба онҳо чизе намегузоранд. Аз моҳи январ то сентябри соли 2008 дар Тоҷикистон 240 мавриди худкушии занон сабт шудааст ва сабаби асосии ин «эпидемия» беҷазо будани хушунати хонаводагӣ аст. Баъд аз ин мақола ва силсилаи мавод дар ҳамаи манотиқи кишвар намояндагони СҒД тавонистанд қабули ин қонунро наздик кунанд. Дар парлумон гурӯҳи корӣ созмон ёфтааст, ки ба ҳайаташ СҒД-ҳои занона низ ворид шудаанд. Ба қавли фаъолон, лоиҳаи Қонуни хушунати хонаводагӣ бояд соли 2011 қабул шавад.

**ТОҶИКИСТОН**

# ДАЪВАТҲО БА ТАҶДИДИ НАЗАР РӮИ ПАРВАНДАИ ДУ ЗИНДОНИИ СОБИҚИ ГУАНТАНАМО

***23 июни соли 2010***

Ин матлаби сехонандатарини IWPR аз Тоҷикистон дар соли 2010 буд, ки дар ҷомиа вокунишҳои зиёдро ба бор овард. Он чанд маротиба дар манобеъи интернетӣ ва матбуоти маҳаллӣ бознашр шуд. Ду шаҳрванди Тоҷикистон чанд соли умрашонро дар Гуантанамои ИМА бо иттиҳоми робита бо гурӯҳҳои мамнӯъи экстремистӣ сипарӣ карданд. Баъд аз он ки онҳо дубора ба Тоҷикистон фиристода шуданд, дар ватан онҳоро ба 17 соли зиндон маҳкум намуданд. Намояндагони суд мегӯянд, ки айбдоркунандагон далели кофӣ доштанд, аммо вакили дифоъ бар ин аст, ки ин ду ҷавон қурбонии тиҷорати инсон буданд ва ҳарфҳо дар бораи ихтиёран ба гурӯҳҳо шомил шудани онҳо воқеият надоранд. Баъдтар умеде пайдо шуд, ки парвандаи ҳардуро суди сатҳи боло аз сар баррасӣ мекунад. Муаллифон – Дабири Кабир, Далер Ғуфронов, Парвина Ҳамидова аз сӯи ҳамкасбонашон ва коршиносони мустақил баҳои баланд гирифтанд. Муваффақияти онҳоро умдатан зовияи ғайриоддӣ ва бархӯрди таҳлилии инъикоси масъалаи на он қадар соддаи адолати судӣ таъмин кард.

*Гулчаҳон Бобосодиқова, фаъоли ҳаракати гендерӣ, раҳбари СҒД «Занони хатмкардаи донишгоҳҳо»*

Ба шарофати мақолаи IWPR дар бораи пеш бурдани қонуни хушунати хонаводагӣ одамони зиёд аз маъракаи пуштибонии қонун, ки аз сӯи СҒД-ҳо роҳандозӣ шудааст, огоҳ шуданд. Ин як гуна такони нав ба фаъолияти мо буд. Даъвати моро шуниданд ва мо ҳоло бо итминон метавонем гӯем, ки қонун ба зудӣ қабул мешавад.





# ҚОНУНГУЗОРИИ НОКОМИЛИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАЪЮБОН

***25 августи соли 2010***

Муаллиф Давлати Шоэтибор нақл кард, ки баъд аз нашри мақола дар бораи одамоне, ки мехоҳанд ва метавонанд кор кунанд, аммо шаҳодатнома дар бораи «корношоямӣ» ба онҳо имкони дар ягон ҷо ба кор дохил шуданро намедиҳад, ба ӯ як ҳамкори рӯзноманигораш аз Эрон занг зад. «Ба ман навиштанд, ки мақолаи маро дар интернет хонда, зиёд баҳс кардаанд. Онҳо бар асоси ин мақола сужаи худро дар бораи мушкилоти ба кор дохил шудани маъюбон омода карданд», – мегӯяд Шоэтибор. Мавзӯеро, ки дар мақола баррасӣ шудааст, рӯзноманигорони маҳаллӣ низ ба баррасӣ гирифтанд. Намунаи ин мақолаи сомонаи оҷонси иттилоотии ҳукуматӣ «Ховар» - «Маъюбони ҳуқуқ ба меҳнатро доранд» аст. Мансабдорони ҳукуматӣ ҳақиқати ин танқидро эътироф карда, изҳор доштанд, ки дар ҳоли ҳозир кор сари тақвият додани қонунгузорӣ дар ин масъаларо вусъат бахшидаанд. Сардори идораи бозори меҳнати Оҷонси давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати шуғл ва ҳифзи иҷтимоии Тоҷикистон Ниёз Қурбонов хабар дод, ки ниҳоди ӯ ҳоло рӯи қонуни нав кор мекунад ва он ба маъюбони ҳар се дараҷа ҳуқуқ ба меҳнатро кафолат медиҳад.

*Хуршед Ниёзов, сармуҳаррири «Фараж»*

Баъд аз он ки мо маводи IWPR дар бораи Гуантанаморо дар нашриямон чоп кардем, сели зангу вокунишҳои хонандагон ба сарамон омад. Мақола дар сатҳи олӣ навишта шудааст. Ба назди мо хонандагон омада, хоҳиш мекарданд, ки моро бо муаллифон шинос кунед, то ба онҳо сипосгузории худро баён намоем.



МАВОДИ БЕҲТАРИНИ РӮЗНОМАНИГОРӢ

# ӮЗБЕКИСТОН



*Елена Урлаева, раҳбари Эътилофи ҳифзи ҳуқуқи Ӯзбекистон (ЭҲҲӮ) аз Тошканд*

Ташаккури зиёд ба шумо барои ин коре, ки мекунед. Аз матлабҳои шумо ман аз вазъи Ӯзбекистон дар кулл огоҳ мешавам. Ман медонам, ки агар ман ба шумо иттилоеро бо ҳам бинам, шумо онро ба монанди баъзе ВАО таҳриф намекунед. Он ки шумо ба мавзӯҳои ҳифзи ҳуқуқ даст задаед, барои мо кӯмаки бузург аст. Ин бурди бузург барои рушди ҷомиаи шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон аст.



## РАВАНДҲОИ МАХФИИ СУДӢ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

***3 марти соли 2010***

Охири моҳи феврал дар суди парвандаҳои ҷиноии ноҳияи Чирчиқ, на он қадар дур аз Тошканд яке аз равандҳои махфии 15 муттаҳам дар дастдарозӣ ба сохти конститутсионӣ, ширкат дар гурӯҳҳои экстремистӣ, «ангехтани низоъи миллӣ ва динӣ» ба анҷом расид. Аз рӯи ин моддаҳо Кодекси ҷиноӣ аз 15 то 20 сол маҳрумият аз озодиро пешбинӣ мекунад. Ин суд – яке аз намунаҳои равандҳои зиёд аст, ки паси пардаи махфият дар вилоятҳои гуногуни Ӯзбекистон мегузаранд ва дар онҳо ба ҳеҷ кас иҷозаи ширкат намедиҳад. Аз ин сабаб, ҳомиёни ҳуқуқ бар инанд, ки мақомот равандҳои судиро мепӯшонанд, то аз берун омадани иттилоъ дар бораи нақзи ҳуқуқи боздоштшудагон, аз ҷумла далоили истифодаи шиканҷа ҷилавгирӣ кунанд. Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мегӯянд: «Инкор кардани он аблаҳист, ки дар мо гаравидагон (-и созмонҳо)-е, ки ақидаҳои экстремизми диниро таблиғ мекунанд, вуҷуд надоранд. Онҳо моҳирона ақидаҳои худро ниқоб мепӯшанд ва хатар ба кишвар доранд». Аммо ҳомиёни ҳуқуқ маълумоти дигар доранд. Аз ҷумла Васила Иноятова аз ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи «Эзгулик» мегӯяд, ки созмони ӯ ҳудуди 50 нома аз наздикони муттаҳамони парвандаи Чирчиқ дар даст дорад. «…тахти шиканҷа онҳоро метавонанд маҷбур кунанд, ки ҷинояти накардаашонро ба гардан гиранд», – гуфт вай.

**ӮЗБЕКИСТОН**

Надежда Атаева, раҳбари анҷумани «ҲуҚуҚи инсон дар Осиёи Марказӣ», маҚарраш дар Фаронса

Ҳаводиси Ӯзбекистонро хеле кам шарҳ медиҳанд. Ҳамзамон барои хонандагон донистани он муҳим аст, ки масъулин ба аҚидаи коршиносон чӣ вокуниш доранд, Қарорҳо дар чаҳорҷӯби ҳуҚуҚи инсон чӣ тавр гирифта мешаванд. Ҳамчунин мехоҳам аз IWPR барои таваҷҷӯҳи зиёдаш ба хонандагону коршиносон миннатдорӣ кунам. Ҳамкасбони мо, ки ба далоили амниятӣ наметавонанд рӯйрост сӯҳбат кунанд, медонанд: кормандони IWPR ҳамеша махфияти сарчашмаҳои худро, бо он вуҷуд ки хеле мушкил аст, ҳифз мекунанд.



*Алина Сагинбоева, директори оҷонси CA-News*

Барои мо дастрас кардани маводи батафсил ва таҳлилӣ аз Ӯзбекистон ва Туркманистон хеле мушкил аст. Рӯзноманигорони мо аз имзо гузоштан зери ин гуна мавод метарсанд ва бархе аслан наметавонанд таҳлил нависанд. Моро мавзӯъи матолиби шумо ва сифати мавод қонеъ мекунад. Шумо сареъ ва бетарафона кор мекунед. Ташаккур аз кори шумо.



# ГУЗОРИШИ МАХСУС «ҲУКУМАТИ ӮЗБЕКИСТОН МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИРО ИНКОР МЕКУНАД»

***24 сентябри соли 2010***

Шаҳрвандони Ӯзбекистон, мисли ҳамсояҳояшон аз Қирғизистон ва Тоҷикистон, ба теъдоди бузург барои дарёфти музд ба хориҷ мераванд: ба Русия, Қазоқистон, АМА, Куриёи Ҷанубӣ. Бо ин вуҷуд, раҳбарияти Ӯзбекистон далели хуруҷи дастаҷамъии шаҳрвандон ба мардикориро эътироф намекунад (ҳамчунин онро, ки муҳоҷирин ба хона маболиғи ҳангуфт мефиристанд), зеро бар ин фикр аст, ки иқтисоди кишвар гулгул мешукуфад. Дар натиҷаи ин мақомот кӯшише барои риояи ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирин намекунанд, аз додани нафақа ва кӯмакпулӣ рӯ метобанд ва аксар вақт даст ба амале намезананд, вақте ҳуқуқи онҳо дар хориҷ нақз мешавад. Бино ба иттилои Гурӯҳи ташаббускори ҳомиёни мустақили ҳуқуқи Ӯзбекистон, аз 2 то 5 миллион шаҳрванд дар мардикорӣ ҳастанд. Ҳар як муҳоҷир ба хона солона ҳудуди 1500 доллар мефиристад. Баъд аз бозгашт муҳоҷирин бо он рӯбарӯ мешаванд, ки пурра аз сохтори таъминоти иҷтимоӣ берун мондаанд. Мушкил ин аст, ки тартиби хуруҷ аз Ӯзбекистон минҳайси муҳоҷири меҳнатии расман сабтшуда хеле мураккаб аст ва аксарияти шаҳрвандон бар кор нагирифтан бо он авлавият медиҳанд. Ҳомиёни ҳуқуқ таъкид мекунанд, ки мақомоти Ӯзбекистон бояд бо кишварҳои қабулкунанда дар бораи таъмини ҳуқуқҳо лоақал барои муҳоҷирини қонунӣ гуфтушунид кунанд ва созишномаҳои байнулмилалиро ба тасвиб расонанд, ки тамоми ҷанбаҳои муҳоҷирати меҳнатиро танзим мекунанд.



# БАРНОМАИ ТАНЗИМИ ТАВАЛЛУД ҲУҚУҚИ ЗАНОНРО НАҚЗ МЕКУНАД

***11 сентябри соли 2010***

Ҳомиёни ҳуқуқ дар Ӯзбекистон аз идомаи безурёткунии иҷбории занони синни таваллуд нигаронанд. Гурӯҳи кории кошиносон аз Тошканд маълумотеро дар даст дорад, ки вазорати тандурустӣ моҳи феврал фармони махсуси №40-ро «барои танзими тартиби амалисозии безурёткунии занони синни тавваллуд» содир кардааст. Бино ба ин ҳуҷҷат, ҳар як духтур вазифадор шудааст, ки ду занро ёфта, ба безурёткунии ихтиёрӣ розӣ кунад ва 50 беморро ба зарурати истифодаи доруҳои пешигиркунанда моил намояд. Тибқи иттилои омори давлатии Ӯзбекистон, теъдоди аҳолии кишвар то 1 апрели соли 2010 28 миллион нафар аст. Бино ба пешбиниҳо, то соли 2015 аҳолии кишвар аз 33 млн. нафар бештар хоҳад шуд. Духтурони зиёд дар Ӯзбекистон безурёткунии оммавиро бо камбуди маблиғи буҷа барои пардохти кӯмакпулӣ ба модарон асоснок мекунанд, аммо гинекологҳо мегӯянд, ки муштариён ин низомро ихтиёран қабул кардаанд. Аммо ҳомиёни ҳуқуқ изҳор доштанд, ки безурёткунӣ на ҳамеша хусусияти ихтиёрӣ дорад: онҳо як қатор далелу арқомеро дар даст доранд, ки занонро бидуни огаҳии онон безурёт кардаанд ва баъдтар ба онҳо гуфтаанд, ки ҷарроҳии мазкурро вазъи сиҳатиашон тақозо мекард.

МАВОДИ БЕҲТАРИНИ РӮЗНОМАНИГОРӢ

# ТУРКМАНИСТОН



## МАҚОМОТИ ТУРКМАНИСТОН МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ВИЧ/СПИД-РО КАМ НИШОН МЕДИҲАНД

*12 январи соли 2011*

Бино ба маълумоти расмӣ, тайи 20 соли ахир дар Туркманистон танҳо ду мавриди маризии ВИЧ сабт шудааст. Аммо ақидае мавҷуд аст, ки «духтурон мекӯшанд дар бораи мавориди гирифтории одамон ба ин маризӣ қуфл бар лаб зананд». Сӯҳбат дар бораи ин маризӣ табу – манъ аст. Духтурон ҳатто маризиҳое, ба монанди гепатит, домана ва ваборо ба унвони шамолхӯрӣ ва ОРЗ сабт мекунанд», – гуфт таҳлилгаре аз вилояти Тошҳавз. Бархӯрди умумии ҳукумат ба ин масъала инкор кардани мавҷудияти худи мушкил аст. Дар гузориши «Духтурони бидуни марз» омадааст, ки «сил ва маризиҳои сироятие, ки тариқи робитаи ҷинсӣ мегузаранд, ба шумули ВИЧ/СПИД, бешак, бештар паҳн шудаанд, дар қиёс бо маълумоти расмие, ки мавҷуданд ва ҳукумати Туркманистон аз эътирофи вазъи воқеӣ саркашӣ мекунад». Пурсидашудагони IWPR ҳамчунин зикр карданд, ки тамғаи гирифторӣ ба ВИЧ одамонро маҷбур мекунад, ки мақомашонро пинҳон доранд ва онҳо бо камоли мамнуният ба духтур барои гирифтани шаҳодатнома дар бораи набудани маризии сироятӣ маблағ пардохт мекунанд. Рӯзноманигори маҳаллӣ, ки дар масоили тандурустӣ менависад, гуфт, ки ҳатто вақте дар шифохона диагнози мусбат пайдо мешавад, сироятшудагон табобати заруриро ба сабаби сиёсати умумии инкор гирифта наметавонанд.

**ТУРКМАНИСТОН**

*Вячеслав Мамедов, раҳбари Иттиҳоди демократии шаҳрвандии Туркманистон, Нидерланд*

IWPR барои иттилоъ расонидан аз вазъи ҳамчунин кишварҳои пӯшида, чун Туркманистон кӯмаки ҷиддӣ мекунад. Бархӯрди холисона ва воқеӣ ҳангоми навишти матолиб дар бораи вазъи ҳуқуқи башар, фирориён ва маҳбусони сиёсӣ махсусан эҳтироми маро бедор мекунад.



*Саша Кулаева, раҳбари шӯъбаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказии Федератсияи байнулмилалии ҳуқуқи башар (FIDH)*

Ташаккури зиёд барои маводи шумо дар бораи Ӯзбекистону Туркманистон. Мақолаҳо барои мову кори мо аҷиб ва муфиданд.



*Сергей Хван, муҳаррири нашрияи инглисии "The Times of Central Asia" дар Бишкек*

Мо чанд сол мешавад, ки мақолаҳои IWPR-ро механем ва қисмате аз онҳоро бознашр мекунем. Аксар вақт мо маводи шумо дар мавзӯҳои иқтисодии Ӯзбекистону Туркманистонро мегирем, зеро ин иттилои камёб аст. Ҳамаи мақолаҳо ба забони хеле хуби инглисӣ навишта шуда, сохторашон ҳам ҳирфаӣ тартиб дода шудааст. Ин ки IWPR жанри features-ро фаромӯш намекунад, ба ме хеле писанд аст.



# БАРОИ СҒД-ҲОИ ТУРКМАНИСТОН ЯГОН РӮШНОӢ НЕСТ

***13 августи соли 2009***

Баъд аз ба қудрат расидани президенти нави Туркманистон Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ва ваъдаҳояш дар бораи заиф кардани назорати шадиди давлатӣ, вазъи созмонҳои ғайриҳукуматӣ дар кишвар беҳбуд наёфт. Фаъолиятҳои гурӯҳҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳатто ҳадафҳои хеле содда доранд, ба монанди кӯмак ба солхӯрдагон ва занбурпарварӣ, ҳанӯз ҳам як чизи имконнопазир қабул мешаванд. Барои сабти номи ҳамчунин созмонҳо ҳанӯз ҳам иҷоза намедиҳанд. Дар назари аввал, Туркманистон ҷамъияти солими шаҳрвандӣ дорад, ки чандсад созмонро дарбар мегирад. Аммо ин созмонҳо ё институтҳои аз сӯи ҳукумат сармоягузоришавандае ҳастанд, ки аз номи занон, кӯдакон, ҷавонон ва собиқадорони ҷанги бузурги ватанӣ кор мекунанд, ё созмонҳои ниматиҷориянд, ки бо пуштибонии санъат, варзиш ва соҳибкорӣ машғуланд. Ҳукумат фаъолияти ин ҳама созмонҳоро худ иҷоза медиҳад ва худ назорат мекунад, аз ин сабаб, онҳо мушкиле дар сабти ном надоранд. ҳатто дар чунин шароит, ба гуфтаи таҳлилгари маҳаллӣ, фақат ҳудуди 150 СҒД, ки аз сӯи ҳукумат дар коғаз таъйид шудаанд, амалан фаъолият мекунанд, бақия умуман вуҷуд надоранд. Аризаҳо барои сабти ном аз дигар СҒД ё дарҳол рад мешаванд, ё солҳо бидуни қарор боқӣ мемонанд.



# НОРИЗОӢ АЗ МАЪРАКАИ БАРКАНДАНИ МАНОЗИЛ АЗ СӮИ МАҚОМОТИ ТУРКМАН

*23 феврали соли 2010*

Соли гузашта теъдоди зиёди сокинони Ишқобод ва марокизи вилоятҳо аз моликияти худ маҳрум шуданд, зеро дар чаҳорчӯби нақшаи давлатӣ дар ҷои манозили онҳо сохтмони боғҳои истироҳатӣ, масҷидҳо ва фавворaҳо пешбинӣ шудааст. Дар бархе маворид якошёнаҳои қадимии хусусӣ, ки об надоранд, барканда мешаванд, то дар ҷои он баландманзилҳои серҳуҷрагӣ бо тамоми шароит сохта шаванд. Аммо сокинони Туркманистон, ки ба хотири лоиҳаҳои нави сохтмонӣ манзилашонро баркандаанд, мегӯянд, дар асл онҳоро иҷборан мехезонанд. Аз ҷумла, сокини пири Ишқободро аз манзилаш дар марказ ба хонае дар микрорайони нав кӯчонда, фарқияти маблағи масоҳати манзили аздастрафтаашро напардохтаанд. Мансабдорон аз лафзбозиҳои бюрократӣ кор мегиранд ва аз додани ҷуброни зарурӣ барои аз даст рафтани манозили онҳо сарпечӣ мекунанд. Ғолибан дар аксар маворид одамон аз дифоъи ҳуқуқҳои худ метарсанд, зеро ба онҳо фишор оварда мешавад. Таҳлилгаре аз Ишқобод бидуни ифшои номаш гуфт, ки вазъ дар қиёс бо даврони ҳукумати Ниёзов беҳтар шудааст. Он замон одамон ҳатто қабл аз баркандани манозилашон огоҳ карда намешуданд.



# ТРЕНИНГҲОИ IWPR

Тайи ду соли лоиҳа IWPR 57 тренинг дар бораи ҷанбаҳои гуногуни кори СҒД ва ВАО дар шаҳрҳои бузургтарин ва марокизи дурдасти навоҳии ҚазоҚистон, ҚирҒизистон ва Тоҷикистон баргузор кард. Намояндагони Ӯзбекистон ва Туркманистон ҳам дар омӯзишҳо ширкат доштанд ва новобаста аз ҷои баргузории ин ё он чорабинӣ ба яке аз кишварҳои фавҚуззикр берун омаданд. Ба сурати умум зиёда аз якуним ҳазор нафар омӯзиш диданд. Вижагии тренингҳои IWPR истифодаи модулҳои махсус коркардшудаи тренерон бо назардошти махсусиятҳои кишвар ва дар кул минтаҚа аст. Ширкатдорони тренингҳо арзиши амалии онҳоро зикр мекунанд. IWPR ҳамчунин таҷрибаи табодули тренерон миёни кишварҳоро низ истифода кард. Тавре амалия нишон дод, ин тренингҳоро босифаттар мекунад ва эътимод ба иттилоъеро, ки мутахасиси варзида аз кишвари дигар медиҳад, боло мебарад. Қобили зикр аст, ки ба шарофати ин табодул равобити минтаҚаӣ миёни коршиносон дар Осиёи Марказӣ рушд мекунанд. Мо ба таваҷҷӯҳи шумо феҳристи Қисматҳои асосии кори тренингии худро дар Осиёи Марказӣ тайи ду соли ахир пешниҳод мекунем:

## ТРЕНИНГҲОИ ҲАМКОРИИ САМАРАНОКИ СҒД ВА ВАО

*Лариса Янина, рӯзноманигори нашрияи «Диалог» аз Талдиқургон, ширкаткунандаи тренингҳо*

Ба шарофати тренингҳои IWPR ман равобитамро бо созмонҳои ҷамъиятии вилояти худам тақвият бахшидам. Мо якҷо дар тренингҳо ширкат кардем ва ҳоло шарики кор шудем. Аз ҷумла, нашрияи мо акнун аз созмони ҷавонони шаҳр «Ҷасил эл» пуштибонии иттилоотӣ мекунад. Ва рӯзноманигорони мо акнун чорабиниҳои маҳфили «Ардагер» - ро, ки ба собиқадорон кӯмак мерасонад, васеъ инъикос менамоянд.




Тренерҳо:

**Нуриддин Қаршибоев,** *раиси Анҷумани миллии расонаҳои мустақили Тоҷикистон (НАНСМИТ),* **Ирина Чистякова,** *ҳамоҳангсози лоиҳаҳои Caresd.net (Қиргизистон),* **Абдумомун Мамараимов,** *раиси раёсати Бунёди ҷамъиятии “Voice of Freedom” дар Қиргизистон, сармуҳаррири нашрияи «Садои Озодӣ» (Қиргизистон),* **Елена Воронина,** *рӯзноманигор, ҳомии ҳуқуқ (Қиргизистон),* **Рухшона Олимова** *(Институти «Ҷамъияти кушода» – Бунёди мадад дар Тоҷикистон),* **Азалхон Алимов,** *ҳуқуқшинос ва таҳлилгари Маркази ҳуқуқи инсон дар Хуҷанд (Тоҷикистон).*

Ҳадафи асосии ин навъи тренингҳо ба рӯзноманигорон ва намояндагони СҒД-ҳои ҳифзи ҳуқуқ омӯзонидани навгониҳои ҳамкории муассир дар соҳаи инъикоси масоили ҳифзи ҳуқуқ аст. Дар давоми тренингҳо ширкатдорон механизмҳои гуногуни ҳамкорӣ дар инъикос ва пешкаши масоили ҳуқуқи инсонро баррасӣ карданд ва истифодаи муассири васоити робита бо ҷомиа ва вижагиҳои инъикоси мавзӯъҳои ҳуқуқи инсон дар ВАО-ро омӯхтанд. Таваҷҷӯҳи махсус ба машқҳои амалӣ дода шуд, ки дар давоми онҳо ширкатдорон мушкилу масъалаҳои бештар маъмул дар кори миёни СҒД-ҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ВАО-ро баррасӣ карданд ва роҳҳои эҳтимолии ҳалли онҳоро маълум намуданд. Тавре тренерон қайд мекунанд, дар чунин тренингҳо такя бештар бар кори амалӣ карда мешавад, зеро дар тренинг пешбинӣ шудааст, ки ширкатдорон аз СҒД ва ВАО аллакай кадом як таҷрибаи ҳамкориро доранд. Дар давоми ин тренингҳо масоили роҳандозии равобит бо ВАО, ташкили пресс-конфронсҳо, навиштани пресс-релизҳо ва оростани мусоҳибаҳо бо тамоми ҷузъиёт таҳлил шуданд. Ширкатдорон зикр мекунанд, ки «ин навгониҳоро онҳо аз ягон ҷои дигар наомӯхтаанд ва кор бо ҷомиаро бар асоси салоҳдиди худ ба роҳ мемонданд». Ба шарофати тренингҳо нақшаи амалиёт тавлид мешавад. «Ин тренинг ба мо, СҒД-ҳои ҳифзи ҳуқуқ ва рӯзноманигорон наздикиҳои умумии корамонро нишон дод. Бахусус донистани таҷрибаи тренерҳо, баррасии мисолҳо ва муҳокимаи мавзӯҳои доғи

**ТРЕНИНГҲОИ IWPR**

соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон хеле муфид буд. Бо кӯмаки васоити ахбори омма метавон ба ҳукумат дар амри пешбурди ҳуқуқи инсон бештар таъсир гузошт»,- гуфт Абдуназар Мамадисломов, ҳамоҳангсози Маркази ҳифзи ҳуқуқи инсон «Кылым шамы» дар вилояти Ҷалолобод. Яке аз натиҷаҳои тренингҳо фаҳмидани он буд, ки бо кӯмаки васоити ахбори омма метавон ба ҳукумат барои пешбурди масоили ҳуқуқи инсон бештар таъсир кард.

*Бектур Искендер, ҳаммуассис ва сармуҳаррири Kloop Media, тренероиди истифодаи расонаҳои нав дар кори ҳифзи ҳуқуқ*

Тренерӣ барои IWPR ба ман имкон дод, ки бо ҳомиёни ҳуқуқи Осиёи Марказӣ шинос шавем ва ин хеле арзишманд аст. Дар кишвари мо, мутаассифона, қисмати бузурги ҷомиа ба ҳомиёни ҳуқуқ муносибати саҳлангорона доранд ва онҳоро «грантхӯр» меноманд. Ман ҳамеша мекӯшидам, ки ба ин хурофотсозиҳо дода нашавам, аммо кори мустақим бо онҳо бори дигар собит кард, ки ҳомиёни ҳуқуқ (онҳо мардуми дарвоқеъ ҷасур ҳастанд) дар аксар манотиқ кореро мекунанд, ки дар асл ба салоҳияти мақомоти давлатӣ ворид мешавад.



# ТРЕНИНГҲО ОИДИ ҲУҚУҚИ ИНСОН БАРОИ РӮЗНОМАНИГОРОН

Тренерҳо:

***Андрей Гришин, Вячеслав Абрамов** (Freedom House Қазоқистон), **Улугбек Бобоқулов,** сармуҳаррири нашрияи «МК-Азия», **Лейла Саралаева,** хабарнигори АР, **Аида Қосималиева** (IWPR), **Дина Токбаева** (IWPR), **Игор Горбачев** (IWPR), **Лола Олимова** (IWPR) ва **Хуршеди Атовулло**, сармуҳаррири нашрияи «Фараж»*

Рӯзноманигорони амалӣ, ҳамчунин кормандони созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ аз тренинги «чӣ тавр бояд мавзӯъҳои ҳифзи ҳуқуқ аз рӯи меъёрҳои байнулмилалии рӯзноманигориро инъикос кард», гузаштанд. Ин тренингҳо имкони донистани «ошхонаи» рӯзноманигории ҳифзи ҳуқуқ – усулҳо, нозукиҳо, ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои рӯзноманигорон ва манбаъҳои иттилоъ, аз ҷумла ҳангоми таҳқиқоти рӯзноманигориро фароҳам меоранд. Ширкатдорони ин навъи тренингҳо дар соҳаи рӯзноманигории ҳифзи ҳуқуқ донишҳои назариявӣ гирифтанд ва принсипҳову бархӯрдҳои асосӣ дар корро фаҳмиданд. Тренерҳо ба ширкаткунандагон тавсияҳои амалии инъикоси масоили ҳифзи ҳуқуқро дар жанрҳои гуногун ба миён гузоштанд. Нуктаи асосӣ дар тренингҳо ин буд, ки аз кадом хатоҳо ҳангоми инъикоси ҳуқуқҳои инсон бояд даст кашид, кадом механизмҳо ҳангоми кор бо гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ бояд истифода шаванд ва чӣ тавр иттилоъро он гуна бояд расонд, ки барои доираи васеъи хонандагон аҷиб бошад. Тренерон ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, ин ки механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи башар дар қонунгузориҳои кишварҳо ва ҳуқуқи байнулмилалӣ чӣ тавр инъикос ёфтаанд, таваҷҷӯҳи махсус доданд. Ширкатдорон дар мавриди муроҷиат ба суд ва ироаи шикоятҳо, аз ҷумла ба институтҳои байнулмилалӣ дастурҳои мушаххас доданд. Ин тренингҳо фикрҳои зиёдро тавлид мекунанд ва дар инсон ташаббусро меафзоянд, - мегӯянд ширкатдорон. Ҳамкориҳо дар гурӯҳҳо ва робита бо тренер имкон медиҳанд, ки вазъ ва нерӯи худро аз рӯи ақли солим баҳо диҳем ва чизҳои маъмулӣ аз дигар зовия дида шаванд. Ба ҷанбаи муваффақи тренингҳои рӯзноманигории ҳифзи ҳуқуқи IWPR метавон шиносоиҳои нав бо ҳамкорон ва ҳомиёни ҳуқуқ аз кишварҳои мухталифи Осиёи Марказиро шомил кард. Ин ҷо дар давоми чанд рӯз метавон донишҳоеро аз худ кард, ки дар амал тайи солҳои тӯлонӣ ба даст омадаанд. Аксари ширкатдорони тренингҳои мазкур дар натиҷа рӯзноманигорони IWPR мешаванд.

# ТРЕНИНГҲО ОИДИ САВОДИ ИНТЕРНЕТӢ ВА РАСОНАҲОИ НАВ

Тренерҳо:

***Вячеслав Мамедов,** раҳбари Иттиҳоди демократии шаҳрвандии Туркманистон, Нидерланд, **Адил Нурмаков** (Global Voices Online), **Бектур Искендер** (Kloop), **Ринат Тухватшин** (Kloop)*

Ҳадафҳои аслии ин навъи тренингҳо огоҳ кардани рӯзноманигорон ва ҳомиёни ҳуқуқ, ҳамчун муштариёни фаъоли шабакаи ҷаҳонӣ аз рискҳое, ки метавонад кор дар интернет пеш орад ва омӯзонидани усулҳои ҳимояти маълумоти шахсӣ ва тиҷорӣ буд. Дар давоми тренинги серӯза ба ҳар як ширкаткунанда иҷрои вазифаҳои амалӣ барои таҳкими навгониҳои гирифташуда дода мешуд. Ҳамчун тренер Вячеслав Мамедов, раҳбари Иттиҳоди демократии шаҳрвандии Туркманистон, инсоне бо таҷрибаи чандсолаи гузаронидани тренингҳои омӯзишӣ барои фаъолони кишварҳои гуногуни ҷаҳон дар ин мавзӯъ, даъват шуда буд. «Ҳамеша ин мавзӯъ доғ аст, ки мукотибаи электронии шумо метавонад ба нафарони саввум

**ТРЕНИНГҲОИ IWPR**

*Рухшона Олимова, ҳамоҳангсози барномаи ВАО – и Институти «Ҷамъияти кушода» – Бунёди мадад дар Тоҷикистон, тренер*

Соли 2010 ман барои IWPR чанд тренинг дар бораи коркард ва ташаккули стратегияҳо барои ҳомиёни ҳуқуқро гузаронидам. Тренингҳо дар Душанбе, Хуҷанд ва Қӯрғонтеппа баргузор шуданд. Барои ман он чӣ кашфиёти бузург буд, ки аксари ҳомиёни ҳуқуқ дар бораи стратегияҳои мухобаротӣ тасаввур надоштанд, пресс-релиз навиштан ва ё пресс-конфронс баргузор карданро намедонистанд. Ва ин ҳам дар ҳолест, ки онҳо бо кори бузург ва ҷиддӣ машғуланд. Ҳамкорӣ бо IWPR ба ман дар бораи фаъолияти СҒД дар минтақаҳо маълумот дод. Бо беш аз 90 намояндаи ин гуна созмонҳо шинос шудам. Бархе аз ширкатдорони фаъоли тренингҳо бо ман ҳанӯз робита доранд, дар бораи муваффақиятҳояшон хабар медиҳанд ва дар масъалаҳои робита бо ВАО маслиҳат мепурсанд. Ҳайратовар аст, ки дар манотиқ ҳомиёни ҳуқуқ фаъолтар ҳастанд ва бидуни ягон андеша дар бораи мушкилоташон сӯҳбат мекунанд ва мекӯшанд бо кӯмаки мо онҳоро ҳал кунанд.



дастрас шавад. Аз ҳама бад ин аст, ки инсон метавонад инро пайхас накунад ва аз ин хотир, ҳеҷ як механизми ҳифозати маълумоти худро ба кор намебарад», – мегӯяд Мамедов. Намояндаи Тоҷикистон Худоназар Мамадназаров, ҳуқуқшиноси Бюрои ҳуқуқи инсон ва риояи қонунҳо зикр кард, ки дар тренинги мазкур «бори аввал хеле нуктаҳои навро кашф кард». «Қаблан аз соҳаи IT хуб огоҳ будам, зеро кори ман дар иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо он робитаи зич дошт, аммо ин ҷо фаҳмидам, ки донишҳои ман кофӣ набудаанд. Ин гуна тренингҳо барои кормандони иттиҳодияҳои бузург ва навпои ҷамъиятӣ, ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон бояд муназзам баргузор шаванд. Дар Тоҷикистон ин гуна тренингҳо хеле камчинанд», – гуфт Мамадназаров. Ширкаткунандаи тренинг Владислав Юритсин, рӯзноманигори нашрияи интернетии «Zonakz.net», гуфт: «Ин тренинг бинишҳои ман дар соҳаи кор бо интернетро хеле васеъ кард. Ба шарофати дарсҳои амалӣ дар бораи он чизҳое, ки қаблан фақат шунида будам, тасаввуроти комил гирифтам. Ин ҳама, бешак, барои идорае, ки кор мекунам, зарур мешавад». Ба гуфтаи ширкаткунандагони чорабинӣ, тавсия ва донишҳое, ки дар тренинги IWPR гирифта шуданд, барои кори ояндаи онҳо дар Интернет муфид аст. Забони фаҳмои маводи тренинг низ зикр шуд. Ширкаткунандагон бар инанд, ки дар муҳити ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон зарурати ба вуҷуд овардани фаҳанги истифодаи босаводонаи захираҳои интернетӣ ва риояи ҳаррӯзаи он дар фаъолият вуҷуд дорад.

# ТРЕНИНГҲО ОИДИ РАДИОЖУРНАЛИСТИКА

Тренерҳо:

***Шаҳодат Соҳибназарова,** IWPR (Тоҷикистон), **Искандари Фирӯз** (Тоҷикистон), **Собир Абдимомунов,** сармуҳаррири «Биринчи радио» (Қиргизистон), **Каарманбек Қулуев,** IWPR (Қиргизистон), **Зебо Тоҷибоева,** IWPR (Тоҷикистон), **Нурлан Абдалиев,** IWPR (Қиргизистон), **Нозгул Жамгирчиева,** саркоргардони радиошунавонии ОТРК (Қиргизистон).*



IWPR тренингҳои ихтисосиеро барои омода кардани маводи радиоӣ ва фанновариҳои коргардонии пахши мустақим дар радио баргузор мекунад. Тренингҳоро муҳаррирони радиои IWPR, ҳамчунин кормандони даъватии радио, коргардонони радиошунавонӣ, коргардонҳои овоз, коршиносони истеҳсоли роликҳои садоии иҷтимоӣ ва тиҷорӣ мегузаронанд. Тренерҳо дар бораи вижагиҳои пешниҳоди ахбор дар пахши мустақим, чӣ тавр босамар истифода бурдани интершумҳо дар истеҳсоли сужаҳои радиоӣ сӯҳбат карданд. «Хеле муҳим аст, ки рӯзноманигори радио тавонад маводро бо нигориши зебои мусиқӣ ва бадеият пешниҳод кунад. Ҳамчунин ӯ бояд ҳам бо пурсозии фаннии пахш, ҳам бо паёми иттилоотӣ кор карда тавонад», – мегӯянд тренерҳо. Дар давоми тренинг ширкатдорон мӯҳтавои пахши радиоҳои кишварро таҳлил ва воситаҳои фаннии нави радиоро аз худ мекунанд. Ҳамчунин рӯзноманигорон навгониҳои омода кардани маводи хабариро меомӯзанд, ки ба аксари ширкатдорон имкони ҳамкори ояндаи радиои IWPR шудани аксари ширкатдорон имкон медиҳад. «Автоматикунонии радиошунавонӣ маҳз чизест, ки мо бояд сараш кор кунем. Ин нукта хеле муфид буд. Дар давоми тренинг мо тавонистем ҳам бо коргардонони пахш ва ҳам ровӣ, ки хабарҳоро мехонад, якҷо бошем. Аммо ду рӯз кофӣ набуд, хуб мебуд, тренингҳо тӯлонитар бошанд», – гуфт Улан Солтобек уулу, ширкаткунандаи радиотренингҳои IWPR аз Қирғизистон.

# ҚАЗОҚИСТОН

# ПУЛИСИ ҚАЗОҚИСТОН БА ДИССИДЕНТҲО БО МАҲКУМИЯТИ РАВОНӢ ТАҲДИД МЕКУНАД



Дар ҳоле ки ҳукумат аз имиҷи кишвар андеша дорад, пулис дар музофот то ба ҳол алайҳи мунтақидони ҳукумат аз таҳдиди ба табобати иҷбории равонӣ кашидани онҳо кор мегирад. Таҷрибаи ба шифохонаҳои равонӣ кашидани мунтақидони ҳукумат ё баҳамзанандгони оромӣ бо фурӯпошии шӯравӣ 20 сол пеш анҷом ёфта буд, аммо ҳомиёни ҳуқуқи Қазоқистон хабар медиҳанд, ки пулис то ба ҳол аз чунин усулҳои мубориза кор мегирад.

Вижагии ин таҷриба дар замони муосир ин аст, ки мақомот онро алайҳи рӯзноманигорони шинохта ё намояндагони гурӯҳҳои оппозитсионӣ ба кор намебаранд ва умдатан онро алайҳи фаъолони шаҳрвандии сатҳи вилоят ва афроди алоҳидае, ки маъракаҳоеро ба хотири ҳифзи ҳуқуқи хеш дур аз марказ дар шаҳрҳои музофотӣ пиёда мекунанд, истифода мебаранд. Дар қиёс бо замони шӯравӣ духтурони имрӯз бо мақомоти маҳаллӣ ҳамнаво намешаванд ва барои афроде, ки аз натиҷаҳои муоина ҳеҷ асари маризӣ пайдо намешавад, дастури табобати иҷбориро намедиҳанд. Аз ҷумла, моҳи декабр дар Қазоқистони марказӣ Александр Бондаренкои 64 – сола аз сӯи пулис боздошт шуд. Ӯро ба шифохонаи маризиқои рӯҳии Қарағанда фиристоданд. Коммунисти боэътиқод – Бондаренко барои эътирозаш аз кандани ҳайкали Владимир Ленин дар боғи марказии шаҳр боздошт шуд. Се рӯз ӯро дар шифохонаи минтақавии маризиҳои рӯҳӣ нигоҳ доштанд. Кормандонаш ба ӯ хабар додаанд, ки аз пулис нома гирифтаанд. Дар он гуфта мешавад, ки ӯ хатарнок аст ва бояд вазъи равониаш иҷборан муоина шавад. «Духтурон гуфтанд, ки ба ман чизе таҳдид намекунад», гуфт Бондаренко ва афзуд, ки онҳо ӯро маҷбур ба табобат накардаанд.

Бадоҳатан пас аз озодӣ Бондаренко ба пулис бар асоси муроҷиати ноҷо ариза дод, аммо ба далели набуди таркиби ҷиноят хоҳиши ӯ дар бораи боз кардани парвандаи ҷиноӣ рад шуд.

Ин мавриди дуввум аст, ки Бондаренкоро зӯран дар шифохона ҷой мекунанд. Бори аввал, панҷ сол пеш ӯро барои он боздошт намуданд, ки аз эътирози ангиштканони Қарағанда пуштибонӣ кард.

Ҳаводиси ҳамсон дар Қарағанда, шаҳри асосии вилояти истеҳсолкунандаи ангишт, ки рӯҳияҳои хеле қавии либералӣ дорад, низ сабт шудаанд. Октябри соли 2010 Тоҳир Муҳамедзянов, муовини раиси созмони ҷамъиятии «Оилаи шахтёр» дар шаҳри Шахтинск, шафати Қарағанда, бе кӯмаки пулис ба шифохонаи маризиҳои рӯҳӣ наафтод. Ва боз духтурон комилан солимақлии ӯро ошкор карданд ва иҷоза доданд, ки муассисаро тарк кунад.

Соли 2007 Анатолий Прилепскийро пас аз кӯшиши ташкили гирдиҳамоӣ дар рӯзи солгарди раъйдиҳӣ барои ҳифзи Иттиҳоди Шӯравӣ қариб як ҳафта таҳти муроқибат нигоҳ доштанд.

Чунин тасаввур мешавад, ки пулис мекӯшад ба баҳамзанандагони тартибот тамғаи «рӯҳан носолимон» - ро часпонад. IWPR ба Департаменти корҳои дохилии Қарағанда дархости расмӣ фиристод, то маълум кунад, ки оё ҳамчунин дастур вуҷуд дошт ё хайр, аммо новобаста аз он, ки муассисаҳои давлатӣ бояд тайи се рӯз посух гӯянд, ба дархост ҷавобе наомад.

Кайрат Абдураҳмонов, сардухтури диспансери вилоятии рӯҳу асаби шаҳри Қарағанда таъйид кард, ки пулис шаҳрвандро барои табобат меорад. Аммо ин дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки наздикони ин гуна афрод аз

## ҚАЗОҚИСТОН

пулис барои ҳамроҳӣ кардан ба хотири амнияти шахсӣ хоҳиш мекунанд. Бо ин вуҷуд, ӯ зикр кард, ки моҳи январ санҷиши прокурорӣ аз рӯи аризаҳои иҷборан ҷой кардани шаҳрвандон дар шифохона сурат гирифт, аммо амале зиддиқонунӣ ошкор нашуд.

«Мо мефаҳмем, ки зӯран ҷой кардан барои табобат масъалаи ҷиддӣ аст, аз ин хотир, мо аз рӯи қонун кор мекунем», – афзуд Абдураҳманов.

Директори филиали Бюрои ҳуқуқи башар дар Қарағанда Юрий Гусаков гузаштаи ғамангези минтақаро, ки маҳалли лагери Гулаг, ҷои нигаҳдории маҳбусони сиёсӣ дар замони шӯравӣ буд, ёдовар шуд. «Таҷрибаи сафсатаомезе ба монанди ҷойгир кардани норозиён дар шифохонаҳо, ҳанӯз ҳам аз сӯи пулиси мо ба кор бурда мешавад, – гуфт ӯ. – Ҳол он ки асосҳо барои ин маъмулан нестанд».

Дар шаҳри Уралск, дар ғарби кишвар сокини маҳаллӣ Александр Пуздриков мегӯяд, моҳи январ пулис мехост ӯро ба он чӣ муттаҳам кунад, ки ӯ накардааст. Пуздриков, ки ҳоло 37-сола аст, чандин сол ба ин сӯ мекӯшад манзилеро дарёфт кунад, ки тибқи қонун ба ӯ ҳамчун хатмкардани хонаи бачагон бояд дода шавад.

6 январ ӯ ба як аксияи эътирозии на он қадар бузург алайҳи дароз кардани ваколатҳои президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, ки дар Уралск сурат гирифт, ҳамроҳ шуд. Дигар ширкаткунандагони аксия - рӯзноманигорон ва намояндагони оппозитсия – боздошт ё ҷарима шуданд, ё панҷ рӯз пушти панҷара ба сар бурданд. (Бихонед: Қазоқистон: мавқеи шаҳрвандиамро баён мекунам, таҷрибаи ширкат дар аксияи эътирозии рӯзноманигор Санат Урналиев).

Пуздриков мегӯяд, ҳангоми боздошт пулис ба ҷайби ӯ маводи мухаддир андохт ва сипас таҳдид кард, ки агар ӯ бо онҳо ба шифохонаи маризиҳои рӯҳӣ рафта, санади ризоият барои муолиҷаро имзо накунад, бо ҳукми ин иттиҳом гунаҳкор хоҳад шуд. Аммо духтури марказ дар хулосааш навишт, ки бемор ба табобат ниёз надорад ва Пуздриковро раҳо карданд.

Дар департаменти вилоятии корҳои дохилии Уралск зикр карданд, ки ҳеҷ як аз кормандони ин ниҳод дар ин ҳодиса ширкат надошт ва аз додани ҷузъиёти бештар худдорӣ намуданд. Ҳоло Пуздриков аз пулис ба прокуратура шикоят бурдааст.

Ин гуна ҳаводис дар қисматҳои ҷудогонаи Қазоқистон аксар вақт аз назарҳо пинҳон мемонанд, аммо соли 2007 боздошти Нурлан Алимбеков, нависанда аз шаҳри Шимкенти ҷануби кишвар, маъракаеро бо ширкати ВАО ва созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ, ба шумули Ҳюман Райтс Вотч (Human Rights Watch), мақарраш Нью-Йорк, барпо кард. Алимбеков бо иттиҳоми фиристодани номаи электронӣ, ки тавре гуфтанд, ҳомили таҳқири президент Назарбоев ва даъват ба низоҳои миёни миллатҳо буд, дар шифохонаи навъи махсуси маризиҳои рӯҳӣ ҷой карда шуд.

Вокуниши байнулмилалӣ, ба назар мерасад, мақомотро дар сатҳи миллӣ маҷбур кард, ки кор гирифтан аз шеваи равонии маҳкумияти мунтақидон даст кашад. «Рӯшан аст, ки мақомот (-и давлатӣ) аз хатоҳои худ дарс гирифтанд ва намехоҳанд норизоиятиҳои номақбули байнулмилалиро доман зананд, – гуфт ба IWPR рӯзноманигори мустақил Андрей Свиридов. – Аммо вазъ дар музофот тамоман дигар аст. Он ҷо чизе тағйир наёфтааст ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ одат кардаанд, ки ҳарчӣ хоҳанд кунанд».

Ба гуфтаи Свиридов, ҳадафи пулис фаъолони СҒД, ҷонибдорони чапгарои оппозитсия ҳастанд ва низ афроде, ки пайи ҳадафҳои шахсии худанд. «Онҳо хуб дарк мекунанд, ки инҳо шаҳрвандони норизоянд – он қадар баландпарвоз нестанд, ки маъракаҳои байнулмилалиро ба вуҷуд оранд», – афзуд ӯ.

**Андрей Гришин,** корманди Бюрои ҳуқуқи башар ва риояи қонунияти Қазоқистон.







## ҚАЗОҚИСТОН ДАР АКСҲО

# ҶИРОН ДАР МАЙДОНҲОИ И ҚАЗОҚИСТОНИ ҶАНУБӢ





*Муаллифи акс:*

*Валерий Калиев. Аксҳо дар шаҳри Ҷетисой, наздикии Чимкент, моҳи октябри соли 2010 гирифта шудаанд. Аксҳо дар намоишгоҳи «Занони Осиёи Марказӣ. Хушунати хонаводагӣ. Муҳоҷират. Фақр», дар чаҳорчӯби мизи гирди минтақавӣ дар мавзӯъи хушунати хонаводагӣ дар Душанбе моҳи марти соли 2011 муаррифӣ шуданд*









## ҚИРҒИЗИСТОН

# МУХОЛИФАТҲОИ ҶАНУБИ ҚИРҒИЗИСТОН БА ТАФРИҚАЕ ОВАРДАНД, КИ ҲАНӮЗ ЭҲСОС МЕШАВАД



Захмҳое, ки аз даргириҳои байниқавмии соли гузашта дар ҷануби Қирғизистон бардошта шуданд, то ба ҳол шифо наёфтаанд, тафриқа миёни ду ҷамоа идома дорад ва сокинони маҳаллӣ аз амният ва ояндаи худ нигаронанд.

Аз рӯи пайдо шудани маълумот дар бораи натиҷаҳои таҳқиқи сабабҳои сар задани бӯҳрон, IWPR аз сокинони гуногунмиллати манотиқи ҷанубӣ хост, то дар бораи рафти корҳо пас аз ҳаводиси фоҷиабор, сӯхтанҳову ғоратгариҳо, ки дар пайи онҳо тайи чанд рӯз беш аз 400 нафар кушта шуданд, назарашонро баён кунанд.

Эҳсоси ноамнии мудаввом ва барқароршавии аз ҳад кунди иқтисодӣ дар шаҳрҳои Ӯшу Ҷалолобод ва атрофи онҳо муҳоҷирати оммавии мардум, ба шумули на фақат ӯзбекҳо, балки қирғизҳоро низ ба бор овардааст. Онҳо бар инанд, ки малака ва донишашон бештар дар дигар ҷой ба кор меояд. Ҳамин тавр, бӯҳрон сатҳи бе ин ҳам баланди бекорӣ ва муҳоҷирати хориҷӣ дар ҷануби Қирғизистонро афзудааст ва рафтани кормандони бештар арзишманд метавонад сатҳи ихтисосии аҳолии маҳаллиро паст кунад.

Комиссияи махсус бо баррасии сабабу паёмадҳои мухолифатҳои июни соли 2010 машғул аст, аммо хулосаҳои он, ки моҳи январ аз сӯи раҳбараш Абдуғанӣ Эркабоев пешниҳод шуданд, мавриди интиқоди созмонҳои ғайриҳукуматӣ қарор гирифтанд. Ахириҳо мегӯянд, ин маълумот он гуна, ки интизор мерафт, пурра нестанд.

Он чӣ марбут ба арқом аст, ба гуфтаи Эркабоев, теъдоди қурбониён 426 нафар, будааст ва 381 нафарашон шиносоӣ шудаанд. Аз онҳо 276 нафар ӯзбек, 105 нафар қирғизанд. Боз 2200 нафар ҷароҳат бардоштаанд ва хисороти иқтисодӣ, ки дар пайи оташсӯзиҳо ва ғоратгариҳо пеш омадааст, беш аз 85 миллион доллари ИМА ҳисоб шудааст. Ба гуфтаи Эркабоев, комиссия Қодирҷон Ботиров, соҳибкор ва нафари дар ҷамоаи ӯзбекҳо машҳур, ҳамчунин хешовандони президенти сарнагуншуда Қурмонбек Боқиевро, ки дар пайи эътирозҳои мардум дар моҳи апрели соли 2010 кишварро тарк кард, дар доман задани ҳаводис гунаҳкор меҳисобад. Ба ҷуз ин, дар қатори афроди гумонбар дар барангехтани даргириҳо гурӯҳҳои ҷиноӣ ва афроди дахил дар тиҷорати моводи мухаддир, экстремистони динӣ ва «нерӯҳои саввум»-и номбарнашуда дар хориҷи кишвар низ зикр мешаванд.

Комиссия ҳукумати муваққатро, ки ба ҷои Боқиев омад, ҳамчунин мақомоти атроф ва маҳаллӣ дар ҷануби кишварро барои беэътиборӣ ба нишонаҳои фалокати қарибулвуқӯъ гунаҳкор донист. Нерӯҳои амниятӣ натавонистаанд аз пароканиши силоҳе, ки ҳангоми мухолифатҳо истифода шуд, ҷилавгирӣ кунанд, изҳор дошт комиссия.

Яке аз аъзои комиссияи тафтишотӣ, ҳуқуқшинос Нурбек Токтакунов аз ҳисобот худро дур кашид ва аз имзои он худдорӣ кард. Ба назари ӯ, ҳисобот сатҳӣ ва бидуни хулосаҳои таҳқиқи махсуси равандҳои судие аст, ки баъд аз ҳаводиси фоҷиабор гузаронида мешавад.

«Агар комиссияи мо назарашро ба хабарҳо дар бораи шиканҷа ва (дигар) вайронкуниҳои мурофиаи ҷиноӣ - протсессулалӣ мегуфт, дар ҷомиа дилпурие ба вуҷуд меомад, ки вазъ дигар хоҳад шуд», – гуфт ӯ.

Таври маълум, қаблан Токтакунов дар суд аз

## ҚИРҒИЗИСТОН

манофеъи Азимҷон Аскаров –ҳомии ҳуқуқ ва ӯзбектаборе, ки барои созмон додани беназмиҳои оммавӣ муттаҳам мешуд, ҳимоят мекард.

Гузориши алтернативии «Ташаббуси Ӯш», иттиҳодияи ҳомиёни ҳуқуқи ӯзбеку қирғиз, ишора ба он мекунад, ки ӯзбекҳо муназзам мавриди ҳамла қарор мегирифтанд, сипас ҳангоми баҳсҳои судӣ онҳоро ба ҷинояткор табдил доданд.

Ӯзбекҳои ҷануби кишвар, ки то омода шудани шарҳи кӯтоҳи натиҷаҳои кори комиссияи миллӣ пурсида шуданд, мегӯянд, ҳис мекунанд, ки ҳукумати марказӣ онҳоро ба ҳоли худ гузошта, наметавонад ҳимоят кунад ва бо ризоияти хамӯши мақомоти маҳаллӣ ӯзбекҳоро ягона гунаҳкорони бӯҳрон нишон медиҳанд, новобаста аз он ки вазнинии асосии зӯровариро маҳз онҳо бардоштанд.



Ҳам барои қирғизҳо ва ҳам ӯзбекҳое, ки дар ҷануби Қирғизистон ба сар мебаранд, ҷароҳат ва пастравии иқтисодие, ки дар пайи бӯҳрони соли 2010 омад, то ба ҳол як воқеият боқӣ мемонанд.

Тибқи иттилои расмӣ, беш аз 37 ҳазор нафар ҷануби кишварро дар се моҳи аввали баъд аз бӯҳрон тарк карданд, аммо сиёсатшинос Иқбол Мирсаидов ба он ишора мекунад, ки ин рақам воқеиятро инъикос намекунад. Ба ҳисоби ӯ, беш аз нисфи рафтагон ӯзбеканд ва аксари онҳо аз Қирғизистон ба Русия рафтаанд. Қирғизҳо ҳам мераванд, аммо тибқи қоида, ба шимоли кишвар, ки пойтахт – Бишкек ҷойгир аст.

То ба ҳол миёни ҷамоаҳо баҳсҳо вуҷуд доранд, пурсидашудагони IWPR мегӯянд, ҳисси ҷудоӣ беэътимодӣ ва шакро ба миён оварда, яке аз авомили монеаи барқарорсозии иқтисодӣ аст.

Соҳибкори ӯзбек, ки дар Ӯш қаҳваҳона дошт, ба IWPR гуфт, ба шаҳр баргашт, аммо фақат ба он хотир ки корҳояшро то батамом ба Русия рафтан анҷом диҳад. Вай гуфт, ки ин шитоб чӣ маъно дорад. «Ҳамин ки баъд аз бӯҳрон моҳи август боз ба кор шурӯъ кардам, баъд аз чанд рӯз дари маро чанд намояндаи олами ҷиноӣ кӯфтанд. Онҳо бо таппонча ба ман таҳдид намуда, талаб карданд, ки қаҳвахонаро ба дасти онҳо диҳам, – гуфт вай ва афзуд, ки онҳо бо ишора ба миллият ҳақорату дашномро низ карданд. – Ману оилаам, ҳамсарам ва се фарзандам, ҳамон лаҳза чизу чораамонро ҷамъ карда, ба Русия назди хешовандонамон рафтем».

Бинокор аз Ӯш, ки худро Абдумалик муаррифӣ кард, гуфт, барои ӯ дарёфти маблағи муназзам барои оилааш ба он далел мушкил мешавад, ки фаъолиятҳои тиҷорӣ мемиранд ва ҳамчунин ӯ дигар наметавонад озодона ба кор равад. «Ман берун аз ноҳияи зистам кор карда наметавонам, аз зиндагиву сиҳатиам нигаронам, - гуфт ӯ. – Баъзан мехоҳам «бало ба паси ҳамааш» гуфта, Русия равам».

Ронандаи мошини боркаш Ҳикматилло аз Ӯш низ нигарониҳои ҳамсонеро баён кард. «Баъд аз ҳаводиси июн аксари одамон ҳанӯз аз такрори бӯҳрон ҳарос доранд… Бархе (ӯзбекҳо) манзили падариашонро мефурӯшанд, – гуфт ӯ. – Мегӯянд, ки ин баҳор боз қисмати дигари одамон хоҳанд рафт».

Марат Нуралиев, соҳибкори инфиродӣ аз Ҷалолобод, гуфт, зиндагӣ ба маҷрои худ бармегардад, аммо мардум ҳанӯз нороҳатанд. «Одамон аз таркиши паққакҳои Соли нав ба воҳима меафтанд… як гуна ҳарос ва интизории чизе бад ҳис мешавад, – гуфт ӯ. - Ҳарчанд ҳам қирғизҳо, ҳам ӯзбекҳо ташнаи қасос нестанд, «ташаннуҷ эҳсос мешавад – онҳо ба ҳамдигар каҷ, бо адоват менигаранд» – гуфт ӯ.

Нуралиев огоҳ мекунад, ки набояд шефтаи амният шуд ва гуфт, ки зимистон умуман замони ором аст, зеро агар мушкилоти иқтисодие ба монанди мавҷудияти сӯзишворӣ ва тухмӣ ҳал нашаванд, баҳор «ҷануб боз хоҳад таркид». Норизоиятии мардумро гурӯҳҳои зиёде, ки пайи манофеъи худ ҳастанд, ба монанди ҷонибдорони Боқиев, размандагони исломӣ, намояндагони тиҷорати маводи мухаддир метавонанд истифода кунанд. Мирсаидов гуфт, мақомот мекӯшанд барқароршавии иқтисодиро нишон диҳанд, аммо ҳамчунин тадобир, ба монанди имтиёзҳо дар андоз, то он даме ки мардум ба таври кофӣ эътидоли вазъро барои истифода бурдани афзалиятҳои ин табдир ҳис намекунанд, кӯмак намерасонанд.

Соҳиби мағозаи хурде дар Ӯш Зумрад Танакова суханони сиёсатшиносро таъйид кард.«Ҳарчанд ҳукумат тайи 6 моҳ осонӣ оварда, андоз ҷамъ накард, аммо ин андозро пардохтан ҳам намешуд, зеро амалан корхонае кор намекунад», – гуфт вай.

Ҳамзамон назари дигар пурсидашудагон як хушбинии эҳтиёткоронаеро ба оянда тавлид мекунад, ки бар пояи корҳои барқароркунӣ ва пуштибонии оилаҳову соҳибкории дар замони ноамниҳо осебдида аз сӯи ҳукумат пайдо шудааст.

Аммо миёни ӯзбекҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё судҳое, ки тафтишоти ширкаткунандагони эҳтимолии ноамниҳоро ба зимма доранд, боварӣ вуҷуд надорад. Ҳикматилло, ронандаи мошини боркаш мегӯяд, агар гунаҳкорони аслӣ ба суд кашида нашаванд ва холисона мавриди таҳқиқи судӣ қарор нагиранд, байни ӯзбекҳову қирғизҳо ягон гуна сулҳу салоҳ буда наметавонад.

Сокинони дигар аз маъракаи густариши забони қирғизӣ изҳори нигаронӣ карданд. Моҳи декабр волии вилояти Ӯш Сооронбой Жеенбеков ба муассисаҳои маҳаллии давлатӣ дастур дод, ки коргузориро ба забони қирғизӣ ба роҳ монанд, на русӣ, ки низ забони давлатии

**ҚИРҒИЗИСТОН**

кишвар аст ва ҳамчун забони муошироти байнулмилалӣ миёни гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ пазируфта шудааст.

Ҳукумати Қирғизистон чанд сол аст, ки ба густариши истифодаи забони давлатӣ мекӯшад. Дар ин маврид вақти роҳандозии ин ташаббус эътирози пинҳони ӯзбекҳоро ба вуҷуд овардааст, ки дар бораи рамздории



ин маърака ва зарурати маҳз ҳамин замон баргузор шуданаш суол мегузоранд, зеро ба қавли онҳо, ҳоло дигар мушкилоти аз ин ҳам ҳалталаб ҳастанд. Новобаста аз мушкилоти мавҷуда пеши ҷануб Мирсаидов хушбин аст. «Фикре ҳаст, ки қирғизҳову ӯзбекҳо худ бо ҳам созиш мекунанд. Аммо аз сӯи дигар, ман бо онҳое мувофиқам, ки мегӯянд, ин равобитро бо сиёсат набояд махлут кард», – гуфт вай.

**Анора Юсупова,** тахаллуси рӯзноманигор дар Бишкек ва **Исомидин Ахмадҷонов,** рӯзноманигор дар Ӯш, ки дар тренингҳои IWPR ширкат кардааст

# БАРҚАРОРШАВИ АЗ НИЗОЪ









## ҚИРҒИЗИСТОН ДАР АКСҲО

# ИИ ЎШ ПАС





*Муаллифи акс: Игор Коваленко*

*Аксҳо дар шаҳри Ўш моҳи январи соли 2011, пас аз 8 моҳи ҳаводиси фоҷиабори июни соли 2010 гирифта шудаанд. Ин силсила дар сомонаи www.iwpr.net нашр шудааст*





# ТОҶИКИСТОН

# ТОҶИКИСТОН ТАРТИБИ АҚДИ НИКОҲРО МУШКИЛ МЕКУНАД

Тағйирот ба қонуне, ки мураккаб кардани тартиби никоҳ миёни шаҳрвандони Тоҷикистон ва хориҷиёнро пешбинӣ мекунанд, ба хотири коҳиш додани никоҳҳои боҳисоб бо шаҳрвандони Афғонистону Чин аст. Тибқи ислоҳот ба қонунгузорӣ, ки моҳи январ қабул шуд, шаҳрванди хориҷӣ бояд дар Тоҷикистон як сол зиндагӣ кунад, то ин ки бо зани шаҳрванди Тоҷикистон никоҳ бандад. Шавҳар вазифадор аст созишномаи никоҳиро имзо кунад, ки бар пояи он барои харидани манзил ба ҳамсараш муваззаф мешавад. Ба сабаби он ки шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқи харидани манзилро баъд аз панҷ соли иқомат дар кишвар доранд, манзили харидашуда ба номи шаҳрванди Тоҷикистон сабт мешавад. Азбаски пеши Тоҷикистон масъалаи муҳоҷират ба дохил, аз худи муҳоҷират ба хориҷ доғтар аст, дар назари аввал, фаҳмидани манъкунии никоҳҳо бо хориҷиёнеро, ки мехоҳанд дар ин кишвар иқомат гузинанд, мушкил мешавад. Бахусус, дар ҳоле ки, ба қавли коршиносон, ислоҳот аслан ба ду гурӯҳи мушаххас — афғонҳо ва уйғурҳои Чин, ки аз ақаллияти мусалмони вилояти ғарбии Шинҷон намояндагӣ мекунанд, рабт мегиранд. Шубҳаҳое вуҷуд доранд, ки бархе аз онҳо мехоҳанд раванди гирифтани шаҳрвандии Тоҷикистонро тезонанд, ба он хотир ки дар ҳолати издивоҷ бо шаҳрванди ин кишвар ба онҳо на се, балки панҷ сол зарур аст. Зиндагӣ дар кишвар роҳандозии соҳибкориро содда ва шиносномаи тоҷикӣ дари сафарҳои бидуни виза ба кишварҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Русияро боз мекунад.

1 феврал, ҳангоми шарҳи сабабҳои қабули ислоҳот дар телевизиони Stan.tv, муовини вазири адлия Абдуманнон Холиқов гуфт: «Махфӣ нест, ки аксари хориҷиён барои оила барпо кардан издивоҷ намекунанд, балки мехоҳанд содда шаҳрвандии Тоҷикистонро дарёфт намоянд».

Аксарияти издивоҷҳо бо хориҷиён намояндагони кишварҳое, мисли Тоҷикистон ҳамзабону ҳамдин – Афғонистону Эрон, ё фақат ҳамдин, ба монанди Покистон, Туркия ва уйғурони Чинро дарбар мегиранд. Омори расмӣ нишон медиҳад, ки дастикам ҳар панҷ аз 2700 издивоҷ бо хориҷиён, ки дар Тоҷикистон тайи паҷ соли ахир сабт шудааст, ниҳоят ноком шудаанд. Нилуфари Собир, рӯзноманигори тоҷик, ки дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ менависад, аз ворид шудани ислоҳот ба қонун истиқбол кард. Ба назари ӯ, ин иқдом барои ҳимояти занон ва фарзандони дар ин масъала осебпазир кӯмак мекунад. «Вақтҳои ахир дар Тоҷикистон метавон ин манзараро мушоҳида кард, ки шаҳрвандони уйғуртабори Чин бар кор ва зиндагӣ дар Тоҷикистон авлавият медиҳанд, – мегӯяд ӯ. – Ҳамчунин маворидро миёни мардони афғон низ мешавад дид». Онҳо аксар вақт занони камбизоатро ба занӣ мегиранд ва тиҷорату моликиятро ба номи онҳо сабт мекунанд, мегӯяд хонум Собир. Баъд мардон ба ватан бармегарданд ва ба занони тоҷики худ чизе намегузоранд.

Азиза, сокини Душанбе, 18 сол дошт, ки ӯро модараш ба тоҷири 35 – солае аз Афғонистон ба занӣ дод. Дар қиёс бо занони зиёд дар Тоҷикистон, ки аз рӯи қавонини мусалмонӣ ба шавҳар мебароянд ва издивоҷи худро дар мақомот сабт намекунанд, Азиза расман шавҳар кард. Аммо баъдтар ӯ фаҳмид, ки шавҳараш боз ду зани афғонӣ дорад. Баъдтар, пас аз марги ӯ, Азиза фаҳмид, ки шавҳараш тамоми моликияти худро ба зани аввалиаш гузоштааст, ки ҳоло дар Аврупо ба сар мебарад ва Азиза бидуни тангае бо се фарзандаш монд.

Нигина Баҳриева, раҳбари созмони ҷамъиятии «Нота бене» аз он нигарон аст, ки ҷорӣ кардани монеаҳои ҳуқуқӣ ба издивоҷ бо эъломияҳои байнулмилалии ҳуқуқи башар мухолифат мекунад. Вай огоҳ мекунад, ки ислоҳоти мазкур дар қиёс бо қабл занонро боз дар вазъи ногувортар мегузоранд, зеро шавҳарони онҳо бо фотиҳаи мулло фақат никоҳи динӣ мекунанд ва ба ҳамин роҳ аз мушкилоти никоҳи қонунӣ фирор менамоянд. Агар ин рух диҳад, занони қаблӣ дар чорроҳаи зиндагӣ хоҳанд монд. «Ин гуна муносибат, ки дар зимн ҳеҷ гуна масъулияти ҳуқуқиро надорад, баръакс, занони тоҷикро осебпазиртар ва мақоми иҷтимоӣ - ҳуқуқиашонро бадтар мекунад», – гуфт вай.

Алла Қувватова, директори иҷроияи Анҷумани баробарии ҷинсӣ ва ҷилавгирӣ аз хушанат алайҳи занон мегӯяд, пас аз баста шудани шартномаи тоникоҳӣ зан баробари ба номи ӯ сабт шудани амволи ғайриманқул метавонад аз шавҳар ҷудо шавад ва шартномаро бекор кунад.

Ба гуфтаи коршиносони дигар, ислоҳот метавонад ҳамаи издивоҷҳо бо хориҷиёнро дар пайи омоли иддае аз намояндагони ин гурӯҳ таҳти соя қарор диҳад.

Зане бо номи Шаҳноза мегӯяд, то замоне, ки донишгоҳро хатм намуд ва ба кор шурӯъ кард, ӯро атрофиён «хеле пир» меҳисобиданд, аз ин хотир, ба як афғон ба шавҳар баромад ва онҳо ба Канада кӯчиданду ҳоло он ҷо хушбахтона бо ду фарзанд зиндагӣ мекунанд. Муовини вазири адлия Холиқов гуфт, ки қонун пеши роҳи ҷуфтҳоеро, ки нияи нек доранд, намегирад.

Иддае аз ҳомиёни ҳуқуқ мегӯянд, ҳамчунин таваҷҷӯҳ ба издивоҷ бо хориҷиён нотавонии мақомотро нишон медиҳад, ки наметавонанд ба теъдоди хеле бузурги занони аз сӯи шавҳарони тоҷикашон таркшуда, ки барои мардикорӣ ба хориҷ рафта, он ҷо мемонанд, кӯмак расонанд. Бино ба иттилооти гуногун, теъдоди муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки тарки ватан кардаанд, аз 800 ҳазор то 1 миллион нафар аст ва аксари онҳо ба Русия мераванд. Дар ҳисоботи Созмони байнулмилалии муҳоҷират аз соли 2009 дар бораи вазъи ногувори занони таркшуда гуфта мешавад, ки қариб сеяки мардони машғул дар хориҷ дар он кишвар мемонанд.

**Фаромарз Оламафрӯз** ва **Ясмин Хушбахт,**
тахаллуси рӯзноманигорон аз Тоҷикистон.

## ТОҶИКИСТОН ДАР АКСҲО

# ТАҚДИРИ ТАЛХИ ЗАНОН

*Муаллифи акс: Дэвид Триллинг*

*Аксҳо дар Тоҷикистон соли 2009 гирифта шудаанд. Аксҳо дар намоишгоҳи «Занони Осиёи Марказӣ. Хушунати хонаводагӣ. Муҳоҷират. Фақр» дар чаҳорчӯби мизи гирди минтақавии IWPR дар мавзӯи хушунати хонаводагӣ дар Душанбе моҳи марти соли 2011 гузошта шуданд.*













## ӮЗБЕКИСТОН

# ТАҲҚИР ДАР МАҲБАСҲОИ ӮЗБЕКИСТОН

Вақте корро сари мақола дар бораи Ӯзбекистон, ки тахти унвони «Таҳқир дар маҳбасҳои Ӯзбекистон зиндониёнро ба маризиҳои рӯҳӣ меорад» нашр шуд, шурӯъ кардам, мефаҳмидам, ки бо мушкилот дучор меоям, зеро сухан дар бораи кишвари пӯшида меравад.

Новобаста аз ҳушдорҳои ҳамкори рӯзноманигорам аз Ӯзбекистон, ки маҷбур шуд кишварро пас аз кор рӯи силсилаи мавод дар мавзӯъи ҳифзи ҳуқуқ тарк кунад, ба хулосае омадам, ки маводро нависам. Ӯ ба ман гуфт, ки мавзӯи шиканҷа – латтаи сурх барои мақомоти ӯзбек аст ва агар ман ба одамоне аз Ӯзбекистон занг зада, бо мақомоти ҳукуматӣ тамос гирам, баъдтар ҳангоми вуруд ба ин кишвар дучори мушкилоти бузург хоҳам шуд. Маро метавонанд ба «рӯйхати сиёҳ» ворид ва сафари маро ба Ӯзбекистон манъ кунанд. Ҳамчунин ӯ дар бораи ҳодисаҳое нақл кард, ки дар манзил ё ҷои кори ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон маводи мухаддир партофта, сипас боздошт кардаанд. Бо ин вуҷуд, ман таваккал кардам. Дар Қирғизистон зиста ва дар лоиҳаи IWPR, ки ҳаводиси Ӯзбекистону Туркманистонро инъикос мекунад, кор карда, ҳамчунин манъи фаъолияти ВАО-и хориҷӣ ва СҒД дар ин кишварҳоро дониста, хуб мефаҳмам, ки рӯзноманигор ҳангоми омода кардани мавод дар бораи онҳо бо чӣ мушкилот рӯбурӯ мешавад.

Ба даст овардани иттилоъ хеле мушкил, гирифтани вокуниши мақомот қариб ки номумкин ва бо сокинони маҳаллӣ сӯҳбат кардан хатарнок аст. Аммо бо ин вуҷуд, мушкии аслӣ дар ин кор барои ман сӯҳбатҳо бо наздикони маҳбусон буд. Барои ман шунидани қиссаҳои батафсили онҳо дар бораи таҳқирҳое, ки дар маҳбасҳо ҷараён доранд, осон набуд. Дар матлабам кӯшидам таъкид сари он кунам, ки истифодаи шиканҷа ва дигар шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ барои сохтори ислоҳии Ӯзбекистон як кори маъмулӣ мондааст ва ин ҳол ба сатҳи баланди осеббиниҳои равонии маҳбусон меорад. Қурбониёни муносибати дағалона аз ҳама гуна кӯмаки тиббӣ маҳруманд ва ҳама иттилоъ дар бораи онҳо махфӣ нигоҳ дошта мешавад.

Ин мавзӯъ баъд аз хондани хабарҳо дар сомонаҳои мухталиф, ки аз сӯи фаъолони ӯзбек роҳандозӣ шудаанд, рушд кард. Сӯҳбат бо Надежда Атаева, сарвари созмони ҳифзи ҳуқуқ «Ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ», мақарраш дар Порис, маро ба он мутмаин кард, ки ҷомиа бояд то куҷо дар маҳбасҳои Ӯзбекистон густариш ёфтани нақзи ҳуқуқи инсонро донад.

Қадами навбатӣ ба таҳқиқи ман қироати номаҳои пайвандони маҳбусон буд, ки ба ман Атаева дод. Дар онҳо зӯроварӣ ва шиканҷаҳое тасвир ёфтаанд, ки алайҳи зиндониён дар маҳбас истифода мешаванд.

Бо нигарониҳо аз пайвандони хеш, ин мардум ба ҳомиёни ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат мекунанд, то аз ноилоҷӣ бикӯшанд лоақал коре барои онҳо карда бошанд. Онҳо амалан шонсе барои дарёфти пуштибонӣ аз ҷои дигаре надоранд ва умедворанд, ки созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ барои огоҳ шудани ҷомиа аз вазъе, ки маҳбусон қарор доранд ва шояд он гаҳ чизе тағйир ёбад, кӯмак мекунанд.

Ҳар қадар ба моҳияти масъала жарфтар мерафтам, вазъи рӯҳиям вазнинтар мешуд, аммо ман, ҳамчун рӯзноманигор қарор додам, ки корамро ба охир расонам ва иттилои воқеиро ба хонанда расонам. Ман худро ба даст гирифта, худро маҷбур кардам, ки бо пайвандони маҳбусон сӯҳбат кунам. Зангҳои телефонӣ ба одамон аз Ӯзбекистон – хоҳ пайвандони маҳбусон бошад, хоҳ ҳуқуқшинос ё равоншиносон – як гуна анҷом меёфтанд. Дар оғоз фақат имкон доштам, ки худро муаррифӣ кунам ва гӯям, ки аз куҷо занг мезанам ва одамон гӯширо мегузоштанд. Онҳо аз ҳад зиёд метарсиданд, ки ҳарф score ва аз эҳтимоли паёмадҳое, ки ба сари худу наздиконашон дар маҳбасҳо меомад, ҳарос доштанд. Дар чунин маворид аксарият бар инанд, ки телефонҳои онҳоро хадамоти махсус гӯш мекунанд ё касе онҳоро мехоҳад ба дом афтонад. Новобаста аз ин ман рӯзи дигар ҳам занг задам ва кӯшидам онҳоро розӣ кунам, ки ман дар фикри бадӣ ба онҳо нестам. Яке аз ҳамсӯҳбатони ман намехост дар бораи вазъи ҳақиқии хоҳари зиндониаш сӯҳбат кунад. Барои ӯ дар бораи вазъи имрӯзаи ӯ суҳбат кардан хеле дардовар ва вазнин буд. Аз ин хотир, дар бораи гузаштаи хоҳараш сӯҳбат кард, ки чӣ инсоне буд. Ҳамсӯҳбати дигарам, баръакс, аз ҷузъиёте дар бораи зиндагии хешовандаш дар зиндон нақл кард, ки дар бадани ман мурғак медавид ва танҳо қисмате аз ин тафсилотро ман тавонистам дар матлабам ҷой диҳам. Ҳамчунин бо равоншиносе дар Ӯзбекистон тамос гирифтам, ки аз баррасии ин мавзӯъ саркашӣ кард ва ба ҷои ин ба пурсуҷӯи ман шурӯъ кард, ки киям, дар куҷоям ва чаро ин мақоларо менависам.

Кӯшишҳои тамос бо Маркази миллии ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ натиҷа надод. Котиба аз ман хост, ки телефонамро гузорам ва дархости хаттӣ фиристам. Ҳамкорони ӯзбекам ба ман гуфтанд, ки ин посухи маъмулӣ ба дархостҳои рӯзноманигорон аст. Мансабдорон рӯйрост намегӯянд, ки хоҳиши сӯҳбат кардан надоранд ва ба дархости хаттӣ низ посух намедиҳанд.

Дар бораи истифодаи шиканҷа ҳангоми ҳабси пешакӣ ва сохтори ислоҳии Ӯзбекистон дар кул солҳои зиёд аст, ки менависанд. Вақте баромади намояндаи ҳукумати Ӯзбекистон ва созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ моҳи марти соли равон шунида шуд, Кумитаи ҳуқуқи башари СММ як қатор тавсияҳоро дар бораи танзими вазъи ҳуқуқи инсон дар ин кишвар нашр кард. Аз ҷумла, кумита аз ҳукумат даъват кард, ки тадобири шадидеро ба хотири қатъи шиканҷа ва дигар шаклҳои бадрафторӣ рӯи даст гирад, ин гуна мавориdро пайгирӣ ва таҳқиқ кунад, ноқизони ҳуқуқро ба суд кашаду ҷазо диҳад ва ба қурбониёни шиканҷаву бадрафторӣ ҷуброни моддӣ диҳад.

Ҳарчанд ман боре дар Ӯзбекистон набудам, аммо ҳамеша тасаввур мекардам, ки ин як кишвари воқеан зебову пурасрор аст. Мардумаш софдилу меҳмоннавозанд, палаваш хушбӯ ва нонаш хушмазза аст. Аммо ҳоло ҳар вақт номи Ӯзбекистонро мешунавам, дар хотираи ман садои азияткашидагон ва пайвандони дилафгоре баланд мешавад, ки наздиконашон аз шиканҷа, зӯроварӣ ва муносибати ғайриинсонӣ дар маҳбасҳои намноку сард мемиранд.

**Юлия Горяйнова,** муҳаррири IWPR оид ба Туркманистон ва Ӯзбекистон, ки дар Бишкек қарор дорад

**ӮЗБЕКИСТОН**

## ӮЗБЕКИСТОН ДАР АКСҲО

# ЧЕҲРАҲОИ ӮЗБЕКИСТОН







*Муаллифони аксҳо: Андрей Кудряшов ва Умеда Аҳмадова*





## ТУРКМАНИСТОН

# ТАРС ВА ТАЗЙИҚ ДАР ТУРКМАНИСТОНИ «ИСЛОҲШУДА»



Ҳарчанд Туркманистон мекӯшад дар назари ҷомиаи ҷаҳонӣ худро давлати тағйирёфта нишон диҳад, шаҳрвандонаш, ки он ҷо ба сар мебаранд, мегӯянд, фазои он ҳамоно мисли пеш тазйиқӣ аст. Тарс аз муҷозот шудан барои ҳар гуна амале, ки метавонад ҳамчун амали хилофи ҳукумат баррасӣ шавад, фазои хамӯширо ба вуҷуд овардааст, ки бо он одамон бебаҳс бо сардӣ мадоро кардаанд.

Вақте соли 2007 Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ба ҷои Сафармурод Ниёзов ба маснади президентӣ нишаст, ӯ ваъда дод, ки ислоҳоти густардаи роҳи интихобкардаи рушди ҳамтои собиқашро ба роҳ хоҳад андохт. Дар чунин соҳаҳое, ба монанди тандурустӣ, маориф ва фарҳанг, Бердимуҳаммадов як қатор иқдомоти маҳдудкунанда ва дурандохтаи Ниёзовро баргардонд. Аммо ишораҳо ба ислоҳот дар дигар соҳаҳо боз ҳам як ишора монданд, тавре ки бо ваъдаҳои сиёсӣ буд, аз қабили иҷозаи фаъолияти аҳзоби сиёсӣ, ки бармало барангехтани таассурот ба ҷомиаи байнулмилалӣ, на дар амал табиқ кардани онро ҳадаф қарор дода буд. Туркманистон кишвари як ҳизб ва давлати пулисии бидуни ВАО-и мустақил боқӣ монд, тавре дар замони Ниёзов буд. Хадамоти махсус ба ҳама кор дахолат доранд, бо гӯш кардани телефонҳо, мониторинги интернет-трафик машғуланд, шаҳрвандони (ба назари онҳо) шубҳанокро намегузоранд, ки аз кишвар хориҷ шаванд, онҳоеро, ки мехоҳанд аз зиндагӣ дар Туркманистон эътироз кунанд, таҳдид менамоянд.

Мухолифин ва ҷонибдорони фаъоли оппозитсия солҳои тӯлонӣ аст, ки ё дар маҳбасанд, ё дар муҳоҷират, аз ин хотир, фишороварихо алайҳи оилаҳои онҳо равона мешаванд, ба шумули оилаҳои мансабдороне, ки ҳангоми «чистка» - ҳои сафи аъзои ҳукумат аз сӯи Ниёзов муҷозот шудаанд.

«Мо бар ин фикр будем, ки (ин) президент аз пешина одилтар хоҳад буд, тазйиқ аз байн меравад ва тарс ҳам гум мешавад, аммо маълум шуд, ки ин тавр нест» - гуфт рӯзноманигоре аз Ишқобод. «Аз сӯҳбат бо телефон метарсем, зеро одамони зиёде ба он хотир ки тариқи телефон чизеро лақидаанд, ҳоло (дар маҳбас) нишастаанд» - афзуд вай.

## ТУРКМАНИСТОН

Сокини калонсоли Ишқобод нақл кард, ки пас аз ду рӯзи тариқи телефон аз болоравии нархҳо шикоят кардан ба хешовандонаш дар Украина ӯро ба вазорати амнияти миллӣ даъват карданд. Ӯ бо бахшиш ҷонашро халос



кардааст, ҳамон ҳам пас аз он ки корманди вазорат ба харитаи қораи Африқо ангушт зада, гуфтааст: «Он ҷо чизе нест, аммо дар мо ҳама чиз ҳаст, фаҳмидед?».

Барои норизоиятии мақомотро ба бор овардан кори зиёд кардан шарт нест.

Сокини шаҳри Балканобод дар ғарби кишвар нақл кард, ки вақте ӯ рухсатӣ ё маблағи иловагӣ барои кор талаб кард, ӯву занаш аз кор маҳрум шуданд.

«Раҳбарият ба зан гуфтааст: “Бирав ва ба шавҳарат бигӯ, ки ин қадар маҳмаддоногӣ накунад, вагарна ҳамаро паси панҷара равон мекунем”, – гуфт вай. – Дар натиҷа мо ду нафар бекор нишастаем».

Сокини Туркманобод, шаҳре дар ҷануби кишвар, марзи Ӯзбакистон, мегӯяд, акнун одамон аз таъқиб барои «ҳар сухани ноҷо гуфташуда ё баёни фикри «бемаврид» меҳаросанд. Дар чунин фазои тарс сокинон, вақте маҷбур карда мешаванд, ки дар ягон ҷашни миллӣ тӯдаи хурсанд бошанд, бепул кӯчаҳоро рӯбанд ё бо ягон кори аҳамияти аввалиндараҷа, ба монанди парвариш ва чиниши пахта машғул шаванд, мутеъанд ва дам намезананд. Пулҷамъкуниҳои «ихтиёрӣ» барои дастгирии лоиҳаҳои ҳукуматӣ гузаронида ё обунаи оммавӣ ба нашрияҳои давлатӣ ба роҳ андохта мешавад.«Ҳама ин зулмро тоқат мекунанд, зеро медонанд, ки саркашӣ ба пайомадҳои барои инсон ногувор меорад»», – мегӯяд сокини Куняугренҷ, шаҳре дар вилояти Тошҳавзи шимоли кишвар.

Ба назари шореҳон, аз замони ба қудрат расидани Бердимуҳаммадов «рӯйхати сиёҳ»-и шаҳрвандоне, ки ба онҳо сафар ба хориҷи Туркманистон манъ шудааст, афзудааст. «Ҳоло ба он бештар аз 18 ҳазор фамилияи шаҳрвандони Туркманистон ворид карда шудааст», – мегӯяд Темур Мисрихонов, раиси Анҷумани вакилони мустақили дифоъи Туркманистон, ки дар Нидерланд мустақар аст. Вай зикр кард, ки аз замони ба сари қудрат омадани Бердимуҳаммадов рӯйхат дучанд шудааст.

Корманди хадамоти муҳоҷирати Туркманистон, ки метавонист мавҷудияти «рӯйхати сиёҳ»-ро таъйид кунад, гуфт, барои кунҷковии зиёд мешавад аз кор ҳам маҳрум шуд.

Сокини Ишқобод, ки худро Анна муаррифӣ кард, гуфт, соли 2006, вақте мехост назди пайвандонаш ба Русия равад, ба «рӯйхати сиёҳ» афтод, маҳз он замон, ки бародарашро боздошт карданд. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти муҳоҷират ба ӯ гуфтанд, ки мамнӯъулхуруҷиаш лағв намешавад ва аз ин хотир, ӯ дигар ба онҳо муроҷиат накард. «Мабодо масъалаи ман таваҷҷӯҳро ҷалб кунад ва фишорҳо алайҳи ману дигар пайвандонам шурӯъ шавад», – фаҳмонд ӯ.

Аксар вақт одамон намедонанд, ки дар «рӯйхати сиёҳ» ҳастанд, аммо фақат то он замон, ки ҳангоми гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ бо монеаҳо дучор меоянд ва онҳоро дар назорати марзии фурудгоҳ манъ мекунанд.

Сабабҳо номаълуманд. Соли 2009 ба донишҷӯёни туркман, ки дар Қирғизистон таҳсил мекарданд, баъд аз таътили тобистона бозгашт ба донишгоҳро манъ карданд.

«То ба ҳол қисмате аз ҷавонон дар рӯйхати мамнӯъулхурӯҷон қарор доранд», – мегӯяд сокини Туркманобод, ки мехост писарашро барои таҳсил ба хориҷа фиристад, аммо аз фикраш баргашт.



Моҳи январ президент Бердимуҳаммадов бо ташдид бахшидани назорати марзӣ нақши хадамоти муҳоҷиратро тақвият дод. Ин баъд аз изҳороти президент дар моҳи сентябр амалӣ шуд. Ӯ ниҳодҳои қудратиро ба мубориза алайҳи онҳое даъват кард, ки ба давлати «ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ»-и Туркманистон тӯҳмат мекунанд.

Яке аз таҳлилгарони пурсидашуда бо рӯҳафтодагӣ ба оянда назар мекунад, вақте мегӯяд, ки ҳама гуна танқид саркӯб шуд.

# ИШҚОБОД

«Мақомот ҳамеша халқро дар завлона нигоҳ медоранд ва бераҳмона онҳоеро, ки сар мебардоранд, ҷазо медиҳанд, то будани ороми худро сари қудрат тамдид кунанд», – гуфт ӯ.

Яке аз фаъолони боқимонда дар Ишқобод гуфт, ки натиҷаи ин буғӣ кардани ташаббус ва қатъи рушди кишвар буд.

«Хадамоти махсус ҳукумати худро ба маънии бади ин сухан намоиш медиҳанд, – гуфт ӯ. – Ҳар як шаҳрванд барои онҳо қонуншикани билқувва аст. Ин ҳол дар онҳо боз хоҳиши тазйиқро бештар мекунад, аммо рӯҳафтодагии одамони оддиро меафзояд».





**Умар Салчуқ,** тахаллуси рӯзноманигор дар Туркманистон.
**Инга Сикорская,** муҳаррири калони IWPR оид ба Туркманистон ва Ӯзбекистон.





# ТУРКМАНИСТОН ДАР АКСҲО










*Аксҳо дар пойтахти Туркманистон солҳои 2007, 2009, 2011 гирифта шудаанд*

# ЛОИҲАРО ОМОДА КАРДАНД



**Абахон Султонназаров,**
*директори минтақавии IWPR дар Осиёи Марказӣ*



**Джон МакЛеод,**
*муҳаррири калони IWPR дар Лондон*



**Сауле Мухаметраҳимова,**
*муҳаррири Осиёи Марказӣ дар Лондон*



**Айтолкын Қурманова,**
*директори намояндагии IWPR дар Қазоқистон*



**Эрлан Абдилдаев,**
*директори намояндагии IWPR дар Қирғизистон*



**Абдумалик Қодиров,**
*директори намояндагии IWPR дар Тоҷикистон*



**Дина Токбаева,**
*муҳаррири минтақавии IWPR дар Осиёи Марказӣ дар Бишкек*



**Лола Олимова,**
*муҳаррири IWPR дар Тоҷикистон*



**Инга Сикорская,**
*муҳаррири калони IWPR оид ба Ӯзбекистон ва Туркманистон*



**Юлия Горяйнова,**
*муҳаррири IWPR оид ба Ӯзбекистон ва Туркманистон*



**Алмаз Рисалиев,**
*муҳаррири IWPR дар Қазоқистон*



**Эмир Қулов,**
*муҳаррири IWPR дар Қирғизистон*



**Парвина Ҳамидова,**
*муҳаррири лоиҳаи ИА дар Тоҷикистон — солҳои 2009-2010*



**Нурлан Абдалиев,**
*муҳаррири барномаи радиоии IWPR дар Қирғизистон*



**Шаҳодат Соҳибназарова,**
*муҳаррири барномаи радиоии IWPR дар Тоҷикистон*



**Каарманбек Кулуев,**
*муҳаррири IWPR дар Қирғизистон, солҳои 2009-2010*



**Зебо Тоҷибоева,**
*муҳаррири барномаи радиоии IWPR дар Тоҷикистон, солҳои 2009 - 2010*



Дилафрӯз Назарова,
директори намояндагии IWPR дар Тоҷикистон, соли 2010



**Олга Досибиева,**
*директори намояндагии IWPR дар Қазоқистон, солҳои 2009-2010*



**Айгул Болотова,**
*ҳамоҳангсози лоиҳаи ИА дар Осиёи Марказӣ, солҳои 2009-2010*



**Адил Ҷалилов,**
*муҳаррири минтақаии лоиҳаи ИА дар Осиёи Марказӣ, солҳои 2009-2010*

# ЧЕҲРАҲОИ ЛОИҲА




















## IWPR Central Asia аз ҳамаи онҳое, ки дар давоми лоиҳа аз он кӯмаки худро дареғ надоштанд, аз ҷумла онҳое, ки барои омода шудани ин варақа мусоидат карданд, изҳори сипос мекунад:

Ширкати «I-media» (Қирғизистон); ширкати «VRS» (Қирғизистон); мутахассиси инфографика Наталья Кожевникова (Қазоқистон); оператор-монтажер Фаромуз Мӯъминҷонов (Тоҷикистон); монтажер, муҳаррири видео Антон Слон (Қирғизистон); оператор-монтажер Темур Укушев (Қазоқистон); суратгир Баҳриддин Исомиддинов (Тоҷикистон); суратгир Валерий Калиев (Қазоқистон); суратгир Игорь Коваленко (Қирғизистон); суратгир Вячеслав Оселедко (Қирғизистон); суратгир Рустам Юлдашев (Тоҷикистон); суратгир Елена Скочило (Қирғизистон); суратгир Нурлан Абдалиев (Қирғизистон); суратгир Серик Қовланбаев (Қазоқистон); суратгир Дэвид Триллинг (ИМА); суратгир Зарина Хушвақт (Тоҷикистон); суратгир Влад Ушаков (Қирғизистон); суратгир Раул Упоров (Қазоқистон); суратгир Олтиной Мирзобекова (Қирғизистон); мусаҳҳеҳ Бакит Дийканов (Қирғизистон); тарҷумонҳо Алмазкан Акматова ва Салтанат Шабданалиева (Қирғизистон); тарҷумон Динмухамед Зиядин (Қазоқистон); тарҷумонҳо Зебо Раджабова, Фахриддини Холбек ва Ҷовид Муқим (Тоҷикистон), карикатуристҳо Нурбек Насиранбеков (Қирғизистон).

## Маълумот барои тамос:

**Institute for war & peace reporting**
**48 Gray's Inn Road**
London, WC1X 8LT, UK
Tel: (44 20) 7831 1030
Fax: (44 20) 7831 1050
Web: www.iwpr.net
E-mail: info@iwpr.net

**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қирғизистон**
**Ҷумҳурии Қирғизистон,**
ш. Бишкек , 720017
кӯчаи Тоголок Молдо, 18-2
Тел: + 996 312 66 44 53, 61 38 70
Факс: + 996 312 61 38 70
E-mail: iwpr.kyrgyz@iwpr.net

**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қазоқистон**
**Ҷумҳурии Қазоқистон,**
ш. Алмаато, 050000
кӯчаи Қозибек би, 50
манзили 2, дафтари 84
Тел.: +7 727 272 59 03, 272 64 21, 272 68 90
E-mail: iwpr.kazakhstan@iwpr.net

**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
ш. Душанбе, 734026
кӯчаи М. Турсунзода, 45, ҳуҷраи № 520
Маркази хизматрасонии «Пойтахт», ошёнаи 5
Тел.: +992 37 228 94 96
Факс: +992 37 224 69 11
E-mail: iwpr.tajikistan@iwpr.net
Web: www.iwpr.net

INSTITUTE FOR WAR & PEACE REPORTING

IWPR

**Institute for war & peace reporting**
**48 Gray's Inn Road**
London, WC1X 8LT, UK
Tel: (44 20) 7831 1030
Fax: (44 20) 7831 1050
Web: www.iwpr.net
E-mail: info@iwpr.net



**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қирғизистон**
**Ҷумҳурии Қирғизистон,**
ш. Бишкек , 720017
кӯчаи Тоголок Молдо, 18-2
Тел: + 996 312 66 44 53, 61 38 70
Факс: + 996 312 61 38 70
E-mail: iwpr.kyrgyz@iwpr.net



**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қазоқистон**
**Ҷумҳурии Қазоқистон,**
ш. Алмаато, 050000
кӯчаи Қозибек би, 50
манзили 2, дафтари 84
Тел.: +7 727 272 59 03, 272 64 21, 272 68 90
E-mail: iwpr.kazakhstan@iwpr.net



**Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
ш. Душанбе, 734026
кӯчаи М. Турсунзода, 45, ҳуҷраи № 520
Маркази хизматрасонии «Пойтахт», ошёнаи 5
Тел.: +992 37 228 94 96
Факс: +992 37 224 69 11
E-mail: iwpr.tajikistan@iwpr.net

Масъулияти маводи мазкур пурра ба дӯши IWPR буда, мазмуни он ба ҳеҷ ваҷҳ ифодагари мавқеи кишварҳои Идтиҳоди Аврупо нест.